Пардохти андозҳо - нишонаи бофарҳангии ҷомеа

# Боҷу хироҷ

№44 (1348)

Панҷшанбе,
10 ноябри соли 2022

www. bojukhiroj.tj
E-mail: boju_hiroj@mail.ru

Рӯзнома аз 26 декабри соли 1998 чоп мешавад.

НАШРИЯИ КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ДАР ИН ШУМОРА:




**ТАҒЙИРЁБИИ ИҚЛИМ - УМДАТАРИН МУШКИЛОТИ ҶАҲОН**

Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар иҷлоси бисту ҳафтуми Конфронси ҷонибҳои Конвенсияи қолабии СММ оид ба тағйирёбии иқлим (COP 27)

Саҳ.2

**ТАРТИБИ МУҚАРРАР НАМУДАН ВА ПАРДОХТ КАРДАНИ АНДОЗИ ЗАМИН**

Андози замин бо дарназардошти минтақаи кадастрӣ, таъйинот ва ҷойгиршавии қитъаи замин, ҳамчунин, хусусиятҳои экологӣ муқаррар карда мешавад

Саҳ.5

**ВОСИТАҲОИ АСОСИИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ МАДАНИЯТИ ХИЗМАТРАСОНӢ**

Насбу истифодаи дастгоҳҳои назоратӣ-хазинавӣ шарти муҳими ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шудани субъектҳои соҳибкорӣ, аз ҷумла соҳибкории хурду миёна

Саҳ.6

**ВОРИДОТИ МАБЛАҒҲОИ АНДОЗ АЗ БИЗНЕСИ БОЗӢ**

Рушди бизнеси бозӣ ҳамчун фаъолияти соҳибкорӣ

Саҳ.7

**ПЕШГИРӢ АЗ ҚОНУНВАЙРОН-КУНИҲОИ АНДОЗӢ**

Назорати камералӣ бе ҳозир шудан ба маҳалли фаъолияти андозсупоранда, дар асоси омӯзиш ва таҳлили ҳисоботи андозсупоранда анҷом дода мешавад

Саҳ.9

# МУТОБИҚСОЗИИ ФАЪОЛИЯТ БА ТАРТИБИ НАВИ АНДОЗБАНДӢ

## Гузариши соҳибкорон аз як шакли фаъолият ба шакли дигари фаъолияти соҳибкорӣ дар кадом сатҳ қарор дорад?



## БА ДИҚҚАТИ АНДОЗСУПОРАНДАГОН!



**Муҳтарам андозсупорандагон ва шаҳрвандон!** Ба маълумоти шумо расонида мешавад, ки бо фармоиши Раиси Кумитаи андоз аз 2 июни соли 2022, №294 ҳамаи намуди муроҷиатҳои андозсупорандагон ба дастгоҳи марказии Кумитаи андоз ва ирсоли ҷавобҳои онҳо барои шахсони ҳуқуқӣ аз 1 июли соли 2022, барои соҳибкорони инфиродӣ аз 1 октябри соли 2022 ва барои дигар андозсупорандагон аз 1 январи соли 2023 тавассути «Утоқи шахсии андозсупоранда» ба таври электронӣ ба роҳ монда мешавад.

***Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон***

# ТАШАББУСҲОИ ТОҶИКИСТОН ДАР ПЕШБУРДИ МАСЪАЛАҲОИ ОБ ДАР САТҲИ ҶАҲОН МУСОИДАТИ МУАССИР НАМУДААНД

**Суханронии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар маросими ифтитоҳи Павилиони об дар Конфронси бисту ҳафтуми Тарафҳои Конвенсияи қолабии Созмони Милали Муттаҳид оид ба тағйирёбии иқлим**




**Муҳтарам иштирокдорони чорабинӣ,**

**Хонумҳо ва ҷанобон,**

Лутфан ҳамаи шуморо дар маросими кушодашавии Павилиони об аз номи Тоҷикистон шодбош мегӯям. Кишвари мо тайи зиёда аз ду даҳсолаи охир масъалаҳои обро дар рӯзномаи ҷаҳонии рушд бомаром ва фаъолона пеш мебарад. Дар ин давра бо ибтикори Тоҷикистон Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид 8 қатъномаи марбут ба обро қабул намудааст.

Қатъномаҳо дар бораи эълон кардани соли 2003 ҳамчун “Соли байналмилалии оби тоза”, солҳои 2005-2015 ҳамчун “Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои ҳаёт”, соли 2013 ҳамчун “Соли байналмилалии ҳамкориҳо дар соҳаи об” аз ҷумлаи чунин иқдомот мебошанд. Чорабиниҳои мазкур ба пешбурди масъалаҳои об дар сатҳи глобалӣ мусоидати муассир намуда, дар ҷалби бештари таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба зарурати ҳаллу фасли онҳо саҳми муносиб гузоштаанд.

Дар ин замн, бо ташаббуси кишвари мо Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид Қатъномаро дар хусуси Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор” барои солҳои 2018-2028 қабул кард. Меҳвари талошҳои ин Даҳсоларо такон ва суръати тоза бахшидан ба амалҳо дар соҳаи об бо мақсади ноил гаштан ба Ҳадафҳои Рушди Устувор ташкил медиҳанд. Моҳи июни соли равон мо Конфронси дуюми Душанберо оид ба Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор”доир намудем. Дар ин ҳамоиш паёмҳои калидӣ барои Конфронси оби Созмони Милали Муттаҳид дар соли 2023, ки дар чорчӯби он раванди татбиқи ҳадафҳои Даҳсолаи мазкур арзёбӣ мегарданд, таҳия карда шуданд.

Чуноне ки маълум аст, ҳамоиши соли оянда дар таърихи Созмони Милали Муттаҳид бори дуввум аст, ки баргузор мегардад ва интизориҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ аз он хеле зиёданд. Тоҷикистон ва Нидерланд ба ҳайси ҳамраисони Конфронс кӯшиш ба харҷ дода истодаанд, ки онро на танҳо аз лиҳози замонӣ, балки аз лиҳози натиҷаҳояш низ таърихӣ гардонанд.

Боиси қаноатмандист, ки Павилиони об низ Конфронси оби Созмони Милали Муттаҳидро дар маркази таваҷҷуҳи худ қарор додааст ва итминон дорам, ки самараи иҷлосу мубоҳисаҳо дар доираи он ба раванди омодагӣ ба ин ҳамоиши бонуфуз дар соли оянда саҳми арзанда хоҳанд гузошт.

**Ҳозирини гиромӣ,**

Захираҳои об ва тағйирёбии иқлим ба ҳам робитаи ногусастанӣ доранд. Мо инро дар Тоҷикистон, ки зиёда 60 фоизи захираҳои оби Осиёи Марказӣ дар қаламрави он ташаккул меёбад, баръало мушоҳида менамоем. Бар асари гармшавии иқлим суръати обшавии пиряххои мо сол ба сол баланд шуда истодааст. То имрӯз аз 13 ҳазор пиряхи Тоҷикистон як ҳазораш пурра аз байн рафтааст.

Селу обхезиҳо, хушксолиҳо ва дигар офатҳои табиии марбут ба об ҳамасола дар кишвар хисороти зиёди иқтисодию иҷтимоиро ба бор оварда, дар аксари мавридҳо боиси талафоти ҷонӣ мегарданд.

Ҷанбаи муҳимми тасмимҳои моро дар ҷодаи мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим ва рафъи оқибатҳои он коҳиш додани ҳаҷми партовҳои газҳои гулхонай ба муҳити зист ташкил медиҳад. Тоҷикистон айни ҳол 98 фоизи қувваи барқи худро аз нерӯгоҳҳои барқи обӣ истеҳсол карда, аз рӯйи ин нишондиҳанда дар ҷаҳон ҷойи шашумро ишғол менамояд. Мо ният дорем, ки дар оянда иқтидорҳои худро оид ба тавлиди “нерӯи сабз” аз манбаъҳои барқароршаванда дучанд афзоиш диҳем.

Дар баробари ин, кишвари мо тавассути паст кардани хатару таҳдидҳои офатҳои табиӣ ва мудирияти устувори захираҳои об, ки дар расидан ба ҳадафҳои марбут ба иқлим нақши калидӣ доранд, саҳми муносиб мегузорад. Пешвоёни Эътилофи обу иқлим, ки Тоҷикистон узви фаъоли он мебошад, дар нишасти Душанбе Нақшаи амали худро тасдиқ намуданд, ки дар ин самт иқдому ташаббусҳои гуногунро дар бар мегирад. Аз ҷумла, имрӯзҳо пешниҳоди мо оид ба эълон кардани соли 2025 ҳамчун “Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо” дар Созмони Милали Муттаҳид мавриди баррасӣ қарор дорад. Инчунин, мо дар чорчӯби талошҳоямон ҷиҳати омодагӣ ба Конфронси оби Созмони Милали Муттаҳид, ҳамбастагии обу иқлимро ба ҳайси яке аз мавзӯъҳои асосии он пешниҳод намудем.

Талошҳои мо дар доираи Нишасти Шарм-уш-Шайх, ҳамчунин, ба ҷалб кардани таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба нақши калидии захираҳои об дар ноил гардидан ба ҳадафҳои иқлимӣ ва даъват ба амалҳои муосиру инноватсионӣ дар ин самт нигаронида шудаанд. Мо итминони комил дорем, ки Павилиони об низ дар пешбурди ин ҳадафҳо саҳми муносиби худро хоҳад гузошт.

Бо истифода аз фурсат, ба ҷониби Миср барои афзалият додан ба масъалаҳои об дар рӯзномаи ҷаҳонии иқлимӣ ва ҳамкориву ҳамдастӣ дар ташкили ин Павилиони об, инчунин ба ҳукуматҳои Нидерланд, Британияи Кабир, Олмон ва созмону ниҳодҳои марбута, ки дар ташкили он саҳми арзанда гузоштаанд, изҳори миннатдорӣ менамоям.

Итминон дорам, ки ин талошҳои якҷояи мо самараи дилхоҳ хоҳанд дод ва мо моҳи марти соли оянда дар Ню-Йорк дар ҳошияи Конфронси оби Созмони Милали Муттаҳид метавонем таҳаввулоти ҷиддиро дар ҳаллу фасли масъалаҳои об амалӣ намоем.

**Ба ҳамаи мо дар ин ҷода барору комёбӣ меҳоҳам.**

**Ташаккур барои таваҷҷуҳатон!**

# ТАҒЙИРЁБИИ ИҚЛИМ - УМДАТАРИН МУШКИЛОТИ ҶАҲОН

**Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар иҷлоси бисту ҳафтуми Конфронси ҷонибҳои Конвенсияи қолабии СММ оид ба тағйирёбии иқлим (COP 27))**

**Муҳтарам ҷаноби Раис,**

**Хонумҳо ва ҷанобон!**

Пеш аз ҳама, меҳоҳам ба Ҳукумати Ҷумҳурии Арабии Миср барои фароҳам овардани шароити мусоид ҷиҳати баргузории иҷлоси имрӯза миннатдории худро иброз намоям.

Хушксоливу обхезиҳои бесобиқаи соли равон дар ҷаҳон ва аз он ҷумла дар минтақаи Осиёи Марказӣ бори дигар собит намуданд, ки тағйирёбии иқлим аз умдатарин мушкилоти ҷаҳон боқӣ мемонад.

Тоҷикистон бо 93 фоизи ҳудуди кӯҳсораш дар баробари тағйирёбии иқлим хеле осебпазир мебошад. Офатҳои табиии вобаста ба ин раванд ҳамасола ба иқтисоди кишвари мо садҳо миллион доллар хисорот ворид карда, дар бисёр ҳолат боиси талафоти ҷонӣ мегарданд.

Қобили зикр аст, ки ҳиссаи Тоҷикистон дар ҳаҷми партовҳои газҳои гулхонай хеле ночиз аст ва дар ин радабандӣ кишвари мо дар ҷойи 130-юм қарор дорад, яъне аз рӯйи андозаи пасти чунин партовҳо мавқеи пешсафро ишғол менамояд.

Зиёда аз 98 фоизи нерӯи барқ дар Тоҷикистон аз ҳисоби захираҳои барқароршаванда, яъне “энергияи сабз”, бахусус гидроэнергетика ба даст меояд ва аз рӯи ин нишондиҳанда мо дар ҷаҳон дар мақоми шашум қарор дорем. Ҳамзамон, мо нақша дорем, ки то соли 2050, ҳиссаи худро дар иҷрои стратегияи “сифр — партов” тавассути рушди “энергияи сабз” боз ҳам афзоиш диҳем.

Ҳукумати Тоҷикистон Стратегияи миллии мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим (2030) ва як қатор санадҳои дигарро қабул намудааст.

**Муҳтарам ҷаноби Раис,**

Захираҳои об дар раванди мутобиқшавӣ ва устуворнокӣ ба тағйирёбии иқлим, ҳамчунин, коҳиш додани оқибатҳои он нақши калидӣ доранд. Афзоиши офатҳои табиии вобаста ба об робитаи ногусастании захираҳои онро бо тағйирёбии иқлим таъкид менамоянд. Имрӯз захираҳои об зери таъсири ҷиддии тағйирёбии иқлим қарор доранд.

Намунаи возеҳи ин падидаро мо дар обшавии босуръати пиряххо дар сатҳи глобалӣ, аз ҷумла пиряхҳои Тоҷикистон, ки то 60 фоизи захираҳои оби Осиёи Марказиро ташкил медиҳанд, мушоҳида менамоем. Тайи чанд даҳсолаи охир аз 13 ҳазор пиряхи мо як ҳазораш пурра аз байн рафтааст.

Бо дарнарназардошти он ки пиряххо ва дигар манбаъҳои оби Тоҷикистон, ки дар ҳудудаш 60 фоизи захираҳои обии Осиёи Марказӣ ташаккул меёбанд, ин раванд ба нақшаҳои истифодабарии об дар кишварҳои минтақа мушкилоти иловагиро ба бор хоҳад овард. Дар ин замина, мо дар доираи Эътилофи обу иқлим пешниҳод намудем, ки соли 2025 “Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо” эълон карда шавад.

Ҳамзамон бо ин, мо дар доираи талошҳоямон барои омодагӣ ба Конфронси оби Созмони Милали Муттаҳид, ки моҳи марти соли 2023 таҳти раёсати Тоҷикистону Нидерланд баргузор мегардад, ҳамбастагии обу иқлимро ба ҳайси яке аз мавзӯъҳои асосии Конфронс пешниҳод намудаем.

Мо, ҳамчунин, дар Конфронси дуюми Душанбе оид ба Даҳсолаи об тарҳи Рӯзномаи амал дар соҳаи обро, ки бояд уҳдадориву амалҳоро дар чорчӯби Конфронси соли оянда ба ҳам оварад, манзур намудем.

Итминон дорам, ки кишварҳои аъзои Созмони Милали Муттаҳид ва ҳамаи ҷонибҳои манфиатдор тавассути иштироки фаъол, гирифтани уҳдадорӣ ва суръатбахшии амалҳо дар татбиқи ин масъулияти бузург моро дастгирӣ хоҳанд кард.

Ба ҳамаи мо натиҷаҳои бобарор аз иҷлоси имрӯза ва дар роҳ ба сӯи Конфронси оби Созмони Милали Муттаҳид дар соли оянда ягонагиву ҳамдилӣ орзу менамоям.

**Аз таваҷҷуҳатон сипосгузорам!**

# АРСАИ КОРҲОИ СОЗАНДА

**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар идомаи сафари корӣ дар вилояти Хатлон як қатор иншооти нави таъйиноти иҷтимоию иқтисодидоштаро мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.**



■ **Шаҳри Бохтар**

## Муассисаи ғайридавлатии таълимии «Коллеҷи тиббию иҷтимоии шаҳри Бохтар»

Бинои нави муассиса бо дарназардошти талаботи муосир бунёд гардида, дар он барои илмомӯзиву истиқомати донишҷӯён ва табобати беморон шароити зарурӣ фароҳам оварда шуда, аз 5 ошёна ва таҳхона иборат буда, дохили иншоот ва намои берунаи он бо санъати баланди меъморӣ оро ёфтааст. Аз ҷумла, дар иншооти мазкур 25 синфхонаи таълимӣ бо 400 ҷойи нишаст ташкил гардида, синфхонаҳо бо асбобу аёнияти замонавии таълимӣ муҷаҳҳаз шудаанд.

Дар бино кафедраҳои фармасевтӣ ва ҳамширагӣ ҷойгир буда, ҳамчунин 9 толори алоҳидаи лексионӣ дар дохили он ҷой дода шудаанд, ки бо истифода аз чунин имконоти мусоид минбаъд сатҳу сифати таълим дар коллеҷ боз ҳам баланд бардошта мешавад.

Зимни боздид ба Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ доданд, ки дар бинои иловагӣ 2 синфхонаи технологияи иттилоотӣ бунёд ёфтааст, ки дар онҳо 50 компютери замонавии пайваст бо хати интернет насб гардидааст. Ҳамин гуна шумораи компютерҳо, дар маҷмӯъ, дар муассиса ба beштар аз 120 адад расонида шуд, ки ба ин васила фарогирии донишҷӯён ба омӯзиши технологияи муосир ба талаботи замон мутобиқ гардид. Синфхонаҳо бо тахтаҳои электрониву дигар аёнияти муосири таълимӣ муҷаҳҳаз мебошанд.

Дар доираи дастуру супоришҳои Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бинои нав масъулон беморхонаи назди коллеҷро таъсис доданд, ки он бо дастгоҳҳои соҳавӣ таъмин карда шудааст. Аз ҷумла, беморхона дорои кардиомонитор, дастгоҳҳои нафасдиҳии сунъӣ ва рахтҳои хоби мутобиқ ба талаботи махсуси соҳавӣ буда, дигар иншооти ёрирасон низ дар дохили он ташкил гардидаанд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни боздид ба сифати корҳои анҷомёфта ва ташкили беморхона дар назди коллеҷ баҳои баланд дода, масъулонро вазифадор намуданд, ки имконоти фароҳамшударо барои омодасозии мутахассиони соҳибмалакаи бахши тиб ҳамаҷониба истифода кунанд. Аснои гузаронидани машғулият усулҳои муосири таълимӣ ва аёнияти дарсиро ба таври васеъ истифода карда, рафти касбомӯзиро мутобиқи талаботу меъёрҳои муайянгардидаи соҳа амалӣ созанд.

### ҶДММ «Деҳаи ман»

Корхонаи навтаъсис ба банду басти меваю хушкмева ва сабзавот машғул буда, дорои 6 хати коркард ва банду басти маҳсулоти кишоварзӣ мебошад.

Тавре зимни боздид маълум гардид, ҷамъият бо дастгоҳҳои муосири корӣ, ки истеҳсоли Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Мардумии Чин ва Ҷумҳурии Беларус мебошанд, таъмин буда, бо назардошти талаботи бозорҳои дохиливу байналмилалӣ маҳсулоти кишоварзиро банду баст ва барои фурӯш омода месозад.

Ҳоло дар корхонаи навтаъсис банду басти 14 навъи меваю хушкмева ва сабзавот роҳандозӣ гардида, дастгоҳҳои корӣ имконият медиҳанд, ки бо пайдо гардидани талабот номгӯи маҳсулот ба таври назаррас зиёд карда шавад.

Зимни боздид Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бунёди чунин корхонаҳоро василаи муҳими таъмини аҳолӣ бо ҷойи кор маънидод намуда, барои роҳандозии содироти маҳсулоти банду бастгардида ба масъулон дастур ва маслиҳатҳои муфид доданд.

Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни боздид ифтитоҳи чунин корхонаҳои нави коркарди маҳсулоти кишоварзиро омили муҳими баланд бардоштани иқтидори содиротӣ маънидод намуда, ба масъулон барои рушди бештари бахши агросаноатӣ дастуру маслиҳатҳои мушаххас доданд.

### Корхонаи истеҳсоли қубурҳои асбестии Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди “Бохтар-шифер”

Корхонаи нави истеҳсолӣ дар минтақаи саноатии шаҳри Бохтар аз ҷониби соҳибкори ватанӣ Дӯстмурод Маҷидов дар масоҳати як гектар дар доираи нақшаи чорабиниҳо ба истиқболи ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ ва Панҷсолаи рушди саноат бунёд гардидааст.

Ба Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ доданд, ки ин аввалин корхонаи саноатӣ дар шаҳри Бохтар аст, ки ба истеҳсоли қубурҳои асбестӣ машғул мешавад. Фаъолияти корхонаи мазкур дар 2 баст ба роҳ монда шуда, дар он беш аз 30 нафар сокини маҳаллӣ бо ҷойи кори доимӣ ва маоши хуб таъмин гардиданд.

Саҳмгузорӣ дар татбиқи ҳадафи 4-уми миллӣ – саноатикунонии босуръати мамлакат, афзун намудани ҳаҷми истеҳсолот ва дар ин замина таъмин намудани сокинони маҳаллӣ бо ҷойи кор аз мавзӯъҳои асосии суҳбати Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо роҳбарият, коргарону мутахассисони корхонаи навбунёд буд. Таъкид гардид, ки бо татбиқи ин ҳадафи стратегӣ кишвари мо ба рушду пешрафти иқтисодии бештар расида, барои сокинон зиндагии шоиста фароҳам хоҳад шуд.

■ **Ноҳияи Ёвон**

### Корхонаи истеҳсоли нуриҳои азотию фосфордори ҶДММ «ТАЛКО Кемикал»

Корхонаи нави истеҳсолӣ дар доираи нақшаи чорабиниҳо ба истиқболи 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва “Солҳои рушди саноат — 2022-2026” бунёд карда шуда, дар он беш аз 50 нафар мутахассиси маҳаллӣ бо ҷои кори доимӣ ва маоши хуб таъмин гардид.

Ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ доданд, ки барои истеҳсоли нуриҳои азотию фосфордор кислотаи сулфати 98,5 фоиза, хокаи бентонит ва сулфати аммоний истифода мегардад ва оянда дар нақша ҳаст аст, ки калий ҳамроҳ карда шуда, маҳсулоти азот, фосфор ва калий (NPK) истеҳсол гардад.

Ашёи хом — хокаи фосфордор аз хориҷи кишвар ворид карда шуда, кислотаи сулфат дар худи Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди “ТАЛКО Кемикал” истеҳсол мегардад. Дар оянда ашёи хом аз кони маҳалии Ривати шаҳри Панҷакент ба корхона дастрас мегардад.

Бо мақсади таъмин намудани талаботи сокинон, хусусан хоҷагидорон ва боғу токпарварони мамлакат бо нурии маъдании истеҳсолоти ватанӣ, роҳбарияти Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди “ТАЛКО Кемикал” дар ноҳияи Ёвон иқдом гирифтанд, ки бо истифода аз захираҳои мавҷуда ва коркарди ашёи хоми маҳаллӣ то марҳалаи ниҳоӣ корхонаи истеҳсоли нурии маъданиро бунёд намоянд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба роҳбарияти Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди “ТАЛКО Кемикал” барои таъсиси корхонаи нави истеҳсолӣ ва бо ҷои кори доимӣ таъмин намудани мутахассисон изҳори сипос намуда, барои боз ҳам баланд бардоштани иқтидори истеҳсолӣ ба масъулон маслиҳату тавсияҳои судманд доданд.

Мутахассисони касбӣ бо истифода аз таҷҳизоти муосири соҳавӣ сифати маҳсулотро дақиқ санҷида, баъдан барои истифода дар истеҳсолот пешниҳод менамоянд. Аз рӯи таҳлили коршиносон истифодаи нурии маъданӣ барои нарм кардани замин, бой гардонидани таркиби хок бо элементҳои фоидаовар ва ба ин восита баланд бардоштани ҳосилнокӣ мусоидат мекунад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо фаъолияти таҷҳизоту технологияҳои муосири васлшуда ва ҷараёни истеҳсолот шиносоӣ пайдо намуда, ба масъулони соҳа маслиҳат доданд, ки барои тақвият додани иқтидори корхонаи навбунёди саноатӣ ва истеҳсоли бештари нурии маъданӣ аз захираҳои мавҷудаи табиӣ босамару оқилона истифода намоянд.

# КОНСТИТУТСИЯ - АРЗИШИ МИЛЛӢ

**5 ноябри соли 2022 дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида ба Рӯзи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷамъомади тантанавӣ баргузор гардид, ки дар он роҳбарият ва кормандони мақомоти андоз иштирок доштанд.**

Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Давлатзода Нусратулло Муқим зимни баромади худ қайд намуд, ки Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчун ҳуҷҷати сиёсӣ ва дорои қувваи олии ҳуқуқӣ, муҳимтарин арзишҳои бунёдии ҷомеаи башариро барои ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои инсон, ҷомеа ва давлат дар худ таҷассум намуда, хусусиятҳои давлати Тоҷикистонро ба сифати давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона арзёбӣ кардааст.

- Конститутсия, - гуфт Н. М. Давлатзода, - манфиатҳои олии миллат ва кишвари соҳибистиқлоли Тоҷикистонро инъикос намуда, тағйирнопазир будани шакли идораи ҷумҳурӣ, тамомияти арзӣ, моҳияти демократӣ, ҳуқуқбунёдӣ, дунявӣ ва иҷтимоии давлатро шарти асосӣ ва бақои давлату мамлакат медонад. - Конститутсия барои мустақилияти сиёсию иқтисодӣ, пешбурди сиёсати сулҳҷӯёна, боло рафтани эътибори давлату миллат дар муносибатҳои байналмилалӣ ва таъмини суботи сиёсию иҷтимоии ҷомеаи Тоҷикистон шароити мусоиди ташкилию ҳуқуқиро фароҳам овардааст.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро аз ҷумлаи дастовардҳои бузурги мардуми Тоҷикистон, заминаи ҳуқуқии бунёди давлати соҳибистиқлоли тоҷикон, шакли ифодаи ҳуқуқии ормонҳои давлатдории миллӣ, ҳимояи ҳадафҳо ва манфиатҳои миллӣ, осори таърихӣ ва фарҳанги миллӣ ҳисобидааст.

Нусратулло Давлатзода, ҳамчунин, таъкид кард, ки тамоми корҳое, ки дар партави Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони соҳибистиқлолӣ анҷом дода шудаанд, танҳо ба хотири таҳкими пояҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии кишварамон, шароити мусоиди зиндагӣ ва фаъолият барои шаҳрвандон, ҳамчунин, мустаҳкам намудани ваҳдати миллӣ мебошад. Мо дар даврони истиқлол, бо вуҷуди мушкилоту монеаҳои зиёд, бо такя ба Конститутсияи худ давлате бунёд намудем, ки дар он сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ пойдор буда, мардум ба имрӯзу ояндаи худ дилпурона назар мекунанд ва дар фазои сулҳу оромӣ зиндагӣ ба сар мебаранд.

Табиист, ки мақомоти андози Тоҷикистон бо дарназардошти риояи Конститутсия барои саҳм гузоштан дар шукуфоии мамлакат, ғанӣ гардонидани буҷет ва пешрафти фаъолияти соҳибкорӣ кӯшишу талошҳои зиёд намуда истодаанд.

Вазифаи асосии ҳар яки мову шумост, ки дастовардҳои бузурги милливу давлатиро таҳкиму тақвият бахшем ва ояндаи дурахшони Ватанамонро бо кору фаъолияти содиқонаву софдилонаи худамон созем, ба арзишу меъёрҳои Конститутсия арҷ гузорем ва дар асоси он барои расидан ба ҳадафҳои созандаамон кӯшиш намоем.

Сипас, сардори Раёсати такмили қонунгузории андози Кумимтаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Назирҷон Назирзода суханронӣ карда, аз ҷумла гуфт, ки қабули Конститутсияи Тоҷикистон, ки дар роҳи бунёд ва рушди давлати навини тоҷикон нақши сарнавиштсоз дорад, яке аз дастовардҳои бузурги даврони Истиқлол мебошад. Зеро он ифодакунандаи манфиат ва ормону иродаи халқи шарафманди тоҷик дар роҳи бунёди давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона аст. Ин санади тақдирсози миллат бо ибтикор ва ташаббуси ваҳдатофаринӣ ва меҳанпарастии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва заковату иродаи мардуми фарҳангсолор ва тамаддунофари тоҷик қабул шуда, барои амалӣ гардидани орзуву ормонҳои ҳазорсолаи миллати тоҷик ҷиҳати эъмори бинои муҳташами Истиқлол ва ташаккули давлатдории муосири Тоҷикистон мусоидат намудааст.

**Н. ЗОИРЗОДА**

# МУТОБИҚСОЗИИ ФАЪОЛИЯТ БА ТАРТИБИ НАВИ АНДОЗБАНДӢ

## Гузариши соҳибкорон аз як шакли фаъолият ба шакли дигари фаъолияти соҳибкорӣ дар кадом сатҳ қарор дорад?

**Қабули Кодекси андоз дар таҳрири нав барои таъмини рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар, ноил шудан ба ҳадафҳои миллӣ, татбиқи консепсияи иқтисоди рақамӣ, дастгирии давлатии субъектҳои соҳибкорӣ, бахусус, соҳибкории истеҳсолӣ ва ба равандҳои муосири ҷаҳонӣ мутобиқ намудани низоми андозбандии кишвар нигаронида шудааст.**



Мавриди амал қарор гирифтани Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав, зарурати ба муқаррароти қонунгузории нави андоз мутобиқ кардани қоидаҳои андозбандии шахсони воқеӣ, ки фаъолияти соҳибкориро дар асоси патент ё шаҳодатнома амалӣ менамоянд, ба миён овард.

Қоидаҳои нави андозбандии шахсони воқеӣ, ки фаъолияти соҳибкориро дар шакли патент ё шаҳодатнома амалӣ менамоянд, асосан, ба дастгирии субъектҳои соҳибкории хурд, беҳтар кардани маъмурикунонии андози соҳибкорони инфиродӣ, дуруст ташкил намудани омори фаъолияти чунин субъектҳо ва пешгирӣ аз қонунвайрокуниҳои андозӣ равона гардидааст.

Дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон рафти гузариши соҳибкорон, ба ҳолати 12 октябри соли 2022, мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор дода шуд. Чуноне зикр гардид, бо дарназардошти хусусияти таҳририӣ доштан ва бо мақсади халалдор насохтани фаъолияти соҳибкорон 25954 адад ё 25,3 фоизи соҳибкорони қаблан дар асоси патент амалкунанда ба тартиби нави патент, ҳамзамон, фаъолияти 49375 адад ё 48,2 фоизи шумораи умумии соҳибкорони амалкунанда (102387 адад), бино бар мутобиқат намудан ба шаҳодатнома бо шарти махсус тавассути модулҳои барномаи компютерӣ гурӯҳҳои фаъолияти онҳо ба таври автоматӣ бе ҳозир шудани соҳибкорон ба мақомоти андоз ба тартиби нави қонунгузорӣ мутобиқ гардонида шуда буданд. Вобаста ба ин, мақомоти ҳудудии андозро зарур буд, ки дар ҳамкорӣ бо шуъба ва бахшҳои бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ бо роҳи ирсоли огоҳиномаҳо ҷиҳати таъмин намудан бо варақаҳои нави патент ва шаҳодатнома бо шартҳои махсус чораандешӣ намоянд.

- Рафти таъмини соҳибкорон бо варақаҳои нави патент, шаҳодатнома бо шартҳои махсус, ҳамзамон, шаҳодатнома дар низоми содакардашуда ба шахси ҳуқуқӣ қонеъкунанда нест, - гуфтанд дар Кумитаи андоз. – Мақомоти ҳудудии андоз 25954 нафар соҳибкори тибқи патент амалкунандае, ки гузариши онҳо тавассути модули барномаи компютерӣ таъмин карда шудааст, ба ҳолати 12 октябри соли 2022, дар маҷмӯъ, ба суроғаи 22551 нафар ё 86,9 фоиз огоҳиномаҳои шакли муқарраршударо ирсол кардаанд. Баъди ирсоли огоҳиномаҳо (бо дарназардошти соҳибкороне, ки фаъолияти худро қатъ намудаанд), 19125 нафар ё 74,4 фоиз бо варақаи нави патент таъмин карда шудаанд.

Иттилоъ дода шуд, ки рафти бо варақаҳои нави шаҳодатнома бо шартҳои махсус таъмин кардани соҳибкорон низ дар мақомоти ҳудудии андоз нокифоя мебошад. Зеро дар миқёси ҷумҳурӣ аз 49375 нафар соҳибкоре, ки гузариши онҳо тавассути барномаи компютерӣ таъмин карда шудааст, ба суроғаи ҳамагӣ 41559 нафар ё 84,2 фоизи соҳибкорон огоҳиномаҳо ирсол гардидаанд. Аз шумораи огоҳиномаҳои ирсолшуда, бо дарназардошти соҳибкороне, ки баъди гузариш фаъолияти худро қатъ намудаанд, дар маҷмӯъ, 34687 нафар ё 70,3 фоиз бо варақаҳои нави шаҳодатнома бо шартҳои махсус таъмин шудаанд.

Шумораи соҳибкорони бо варақаҳои нави шаҳодатнома бо шартҳои махсус таъмин гардидани соҳибкорон дар ноҳияҳои шаҳри Душанбе 6564 нафар ё 57,6 фоиз, вилояти Хатлон 10247 нафар ё 68,7 фоиз, вилояти Суғд 11517 нафар ё 74,8 фоиз, Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 700 нафар ё 85,7 ва дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, дар маҷмӯъ, 5659 нафар ё 82,5 фоизро ташкил додааст.

Яке аз сабабҳои асосии суст будани раванди гузариш ва ё мутобиқ намудани гурӯҳҳои фаъолият ба тартиби нав, вобаста аз ирсоли огоҳиномаҳо, бино бар бефаъолият будани як гурӯҳи соҳибкорон, ҳамчунин, иваз шудани суроғаи фаъолият ва сари вақт дар суроғаҳои бақайдгирифташуда пайдо карда натавонисти онҳо маънидод мешавад.

Манбаъ афзуд, ки намудҳои алоҳидаи фаъолияти қаблан тибқи патент аз рӯи гурӯҳҳои 1, 2, 3, 29, 35, 36, 38, 40 ва 46 фаъолияткунанда, ки дар гузашта якчанд намуди фаъолият дар як банд пешбинӣ гардида буданд, бо дарназардошти ба дигар гурӯҳҳо якҷоя, ҳамзамон, дар алоҳидагӣ пешбинӣ гардидани онҳо, вобаста ба хусусияти фаъолият, маблағи пардохт барои ин соҳкорон як хел нест. Маҳз чунин амал зарурати ҳозир шудани соҳибкорони мазкурро ба мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ ва мутобиқ намудани гурӯҳи фаъолият ба миён овард.

Баррасии фаъолияти мақомоти ҳудудии андоз дар ин самт нишон медиҳад, ки аз 16247 нафар соҳибкоре, ки зарурати ҳозир шуданашон ба мақомоти андоз ба миён омада буд, ба ҳолати 12 октябри соли 2022 аз ҷониби мақомоти ҳудудии андоз ба суроғаи 14463 нафар ё 89,0 фоизи онҳо огоҳиномаҳо ирсол шудааст ва дар ин давра 4620 нафар ё 28,4 фоиз гурӯҳи фаълияти худро ба номгӯйи нави патент, 4859 нафар ё 29,9 фоиз ба шаҳодатнома бо шартҳои махсус мутобиқ намудаанд. Ҳамзамон, баъд аз қатъ кардани фаъолият, 414 нафар ё 2,5 фоиз ба шаҳодатнома дар низоми содакардашуда гузаштанд. Ҳамин тавр, аз 16247 нафар соҳибкор, дар ин давра ҳамагӣ 9893 нафар ё 60,9 фоиз ба мақомоти андоз ҳозир шуда, гурӯҳҳои фаъолияти худро ба тартиби нав мутобиқ кардаанд.

Қобили зикр аст, ки раванди гузариш ва ё мутобиқ намудани гурӯҳҳои фаъолият аз рӯи фаъолиятҳои зикршуда, ки зарурати ҳозир шудани онҳо ба мақомоти андоз ба миён омадааст, мутаносибан дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 377 нафар ё 61,2 фоиз, Хатлон 2296 нафар ё 52,7 фоиз, вилояти Суғд 2896 нафар ё 63,7 фоиз, шаҳри Душанбе 2725 нафар ё 65,3 фоиз ва дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, дар маҷмӯъ, 1646 нафар ё 64,5 фоизро ташкил медиҳад.

Ҳамин тавр, раванди гузариш ва мутобиқ намудани гурӯҳҳои фаъолият аз ҳисоби ҳамаи намудҳои амалишаванда (бо дарназардошти соҳибкорони фаъолияташон бархамдодашуда, тавассути барномаи компютерӣ, ҳозир шудани соҳибкорон ба мақомоти андоз) аз ҳисоби патент, дар маҷмӯъ, 23934 адад ё 92,2 фоиз ва аз ҳисоби шаҳодатнома бо шартҳои махсус, маҷмӯан, гузариши 39546 адад ё 80,0 фоиз таъмин карда шудааст.

Мутобиқи махзани маълумот, аз 36565 нафар соҳибкори тибқи шаҳдатнома фаъолияткунанда дар мақомоти ҳудудии андоз, 8387 нафарашон соҳибкороне ба ҳисоб мераванд, ки аз рӯи намуди фаъолияти интихобкардаашон, минбаъд бояд дар шакли шахси ҳуқуқӣ фаъолият намоянд. Бо мақсади сари вақт ва бо маром таъмин намудани гузариши соҳибкорон ба шахси ҳуқуқӣ қаблан маълумоти Феҳристи ягонаи давлатӣ коркард шуд ва тибқи мактуби алоҳида рӯйхати соҳибкорон барои таъмини гузариш ба мақомоти ҳудудии андоз ирсол гардида буд.

Аз 8387 нафар соҳибкоре, ки гузариши онҳо аз рӯи намуди фаъолияти интихобкардаашон, ба шахси ҳуқуқӣ пешбинӣ гардидааст, 1538 нафарашон соҳибкороне мебошанд, ки фаъолияти онҳо оид ба ташкили нуқтаҳои хӯроки умумӣ, аз ҷумла тарабхона, қаҳвахона, ошхона ва марказҳои калони савдо ба ҳисоб мераванд ва ҷиҳати муайян намудани масоҳати воқеии нуқтаи фаъолият (зиёда аз 100 метри мураббаъ) маълумоти мазкур коркард шуда, барои таъмини гузариши соҳибкорон ба шахси ҳуқуқӣ ба мақомоти ҳудудии андоз ирсол гардидааст.

Тибқи иттилои манбаъ дар такя ба маълумоти аз ҷониби мақомоти ҳудудии андоз пешниҳодшуда, аз 1538 субъекте, ки фаъолияти онҳо оид ба ташкили нуқтаҳои хӯроки умумӣ, аз ҷумла тарабхона, қаҳвахона, ошхона ва марказҳои калони савдо нигаронида шудааст, масоҳати фаъолияти 1237 адад ё 80,4 фоизи онҳо то 100 метри мураббаъро ташкил медиҳад ва масоҳати фаъолияти ҳамагӣ 301 адад ё 19,6 фоиз барои гузаштан ба шахси ҳуқуқӣ мутобиқ мебошад.

Ҳамин тавр, мақомоти ҳудудии андоз аз 8387 адад соҳибкоре, ки гузариши онҳо ба шахси ҳуқуқӣ пешбинӣ шудааст, ба суроғаи танҳо 6994 ададашон ҷиҳати таъмини гузариш ба шахси ҳуқуқӣ огоҳиномаҳои шакли муқарраргардида ирсол кардаанд.

Нишондиҳандаи рафти ирсоли огоҳиномаҳо барои гузаштан ба шахси ҳуқуқӣ дар ноҳияҳои шаҳри Душанбе 1312 адад ё 82,4 фоиз, ВМКБ 197 адад ё 96,6 фоиз, вилояти Хатлон 1605 адад ё 95,4 фоиз, вилояти Суғд 2816 адад ё 82,9 фоиз ва дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, дар маҷмӯъ, 1064 адад ё 70,3 фоизро ташкил медиҳад.

Баъд аз ирсоли огоҳиномаҳо ва гурӯҳбандии соҳибкорон, вобаста ба таъмини гузариш, шумораи соҳибкорони тибқи шаҳодатнома амалкунандае, ки гузариши онҳо ба шахси ҳуқуқӣ мутобиқат менамоянд, дар маҷмӯъ, 3514 ададро ташкил мекунад ва ба ҳолати 12 октябри соли 2022 гузариши ҳамагӣ 1013 адад ё 28,8 фоизи соҳибкорон ба шахси ҳуқуқӣ таъмин гардидааст.

Новобаста аз ирсоли огоҳиномаҳо, рафти таъмини гузариши соҳибкорон ба шахси ҳуқуқӣ ба талабот ҷавобгӯ нест. Аз ҷониби ноҳияҳои шаҳри Душанбе аз 951 адад ҳамагӣ гузариши 190 адад, дар ВМКБ аз 78 адад гузариши 33 адад, вилояти Хатлон аз 794 адад гузариши 181 адад, вилояти Суғд аз 1135 адад гузариши 356 адад ва дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, дар маҷмӯъ, аз 478 адад гузариши 253 адад таъмин карда шудааст.

Нозиротҳои андоз дар ноҳияҳои Тоҷикобод, Балҷувон, Дарвоз ва Мурғоб, новобаста аз ирсоли огоҳиномаҳо, мутаассифона, то имрӯз гузариши ягон адад соҳибкори амалкунандаро ба шахси ҳуқуқӣ таъмин накардаанд. Қайд кардан бамаврид аст, ки тибқи тартиби нав, ҳама гуна фаъолияти истеҳсолӣ (ба истиснои харидуфурӯши чунин молу маҳсулот) тибқи шаҳодатнома дар низомҳои андозбандӣ маҳдуд гардида, фаъолияти минбаъдаи чунин соҳибкорон, новобаста аз ҳадди даромад аз санаи бақайдгирии давлатӣ, дар шакли шахси ҳуқуқӣ ба роҳ монда мешавад.

Қобили зикр аст, ки мутобиқи муқарраротои Кодекси андоз ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2022, №151 "Дар бораи Қоидаҳои андозбандии фаъолияти соҳибкорони инфиродии дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолияткунанда" ҳангоми гузариши соҳибкорони тибқи шаҳодатнома дар низомҳои андозбандӣ ба шахси ҳуқуқӣ, бе гузаронидани санҷиши сайёри андоз амалӣ карда мешавад.

Бо дарназардошти камбудиҳои дар ин самт ҷойдошта, Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти ҳудудии андозро вазифадор кардааст, ки ҷиҳати пурра таъмин намудани раванди гузариш ва мутобиқ намудани гурӯҳҳои фаъолият корро ҷоннок намоянд ва миёни шаҳрвандон ва андозсупорандагон корҳои тавзеҳотию фаҳмондадиҳиро тақвият бахшанд.

**Тоҳир ЧИЛАЕВ**

# ТАРТИБИ АНДОЗБАНДӢ ВА ПАРДОХТ КАРДАНИ АНДОЗИ ЗАМИН

**Андози замин бо дарназардошти минтақаи кадастрӣ, таъйинот ва ҷойгиршавии қитъаи замин, ҳамчунин, хусусиятҳои экологӣ муқаррар карда мешавад. Асноди муқарраркунандаи ҳуқуқи истифодабарии замин асоси муайян намудани андози замин ҳисоб мешавад. Доир ба ин мавзӯъ, суҳбате доштем бо сармутахассиси шуъбаи ташкили андозбандӣ аз шахсони воқеии Сарраёсати маъмурикунонии андози Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурииии Тоҷикистон Шариф Набиев, ки онро манзури хонанда мегардонем.**



**- Киҳо супорандагони андози замин маҳсуб мешаванд?**

- Супорандагони андози замин шахсоне мебошанд, ки ба онҳо қитъаҳои замин барои истифодаи бемуҳлат, муҳлатнок ва меросии якумра дода шудааанд;

- заминистифодабарандагоне, ки воқеан қитъаҳои заминро истифода мекунанд, ба истисноии истифодабарандагони низоми ягонаи кишоварзӣ;

- истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ, ки тибқи низоми умумии андозбандӣ фаъолият мекунанд.

Дар ҳолати ба иҷора додани қитъаи замин иҷорадиҳанда супорандаи андози замин дониста мешавад. Андозсупоранда бо риояи муқаррароти бобҳои 52-53 Кодекси андоз ва сипарӣ шудани 36 моҳи тақвимӣ метавонад аз низоми умумии андозбандӣ ба низоми содакардашудаи андозбандӣ барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ гузарад.

**-Объект ва манбаи андозбандии андози замин кадомҳоянд?**

-Объекти андозбандии андози замин қитъаҳои заминҳои маҳалҳои аҳолинишин, заминҳои берун аз маҳалҳои аҳолинишин бо дарназардошти сифат, минтақаи кадастрии замин, таъйиноти истифодабарӣ ва хусусиятҳои экологии қитъаҳои замине мебошанд, ки мансубияти онҳоро ҳонунгузории замини Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд. Бо дарназардошти муқаррароти қисми 2 моддаи 350 Кодекси андоз барои муайян намудани андози замин ҳуҷҷатҳои заминистифодабаранда ва минтақаи кадастрии қитъаи замин асос шуда метавонад. Маблағи андози замин, новобаста аз натиҷаи фаъолияти хоҷагидории заминистифодабаранда, барои масоҳати замин дар шакли пардохтҳои устувор барои як сол муқаррар карда мешавад.

Манбаи андоз барои ҳисоб намудани андози замин масоҳати қитъаи замини дар ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи ҳуқуқи истифодаи замин зикргардида ё масоҳати қитъаи замине, ки заминистифодабаранда дар ихтиёр дорад, ба истисноии замини аз пардохти андоз озодшуда, мебошад.

Ба масоҳати андозбандишаванда заминҳои вобасташуда, аз ҷумла заминҳои зери биноҳо, иншоот, объектҳои минтақаҳои санитарии муҳофизатӣ, минтақаҳои техникӣ ва қитъаҳои замини дигаре, ки барои нигоҳдории бинову иншоот зарур анд, дохил мешаванд. Барои воҳиди алоҳидаи шахси ҳуқуқӣ манбаи андоз масоҳати қитъаи замине мебошад, ки ба чунин воҳиди алоҳида (филиал ё намояндагӣ) дар ҳудуди марзи маъмурии дахлдор вобаста шудааст.

**- Меъёрҳои андоз барои андози замин чӣ гуна муқаррар гардидаанд?**

- Меъёрҳои андоз барои як гектари замин дар миқёси вилоятҳо ва шаҳрҳо (ноҳияҳо) бо дарназардошти минтақаҳои кадастрӣ ва намудҳои замин, аз ҷумла заминҳои маҳалҳои аҳолинишин, заминҳои зери ҷангалзор ва буттазорҳои маҳалҳои аҳолинишин ва заминҳои таъйиноти кишоварзӣ, бо пешниҳоди мақоми ваколатдори давлатии батанзимдарории муносибатҳои вобаста ба замин бо мақоми ваколатдори давлатӣ мувофиқашуда дар ҳар 5 сол аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешаванд.

Меъёрҳои андози замин ҳамасола аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ мутобиқи сатҳи таварруми соли гузашта индексатсия карда мешаванд.

Заминҳое, ки аз ҷониби шахсони воқеӣ дар маҳалҳои аҳолинишин (шаҳрҳо, шаҳракҳо ва деҳаҳо) истифода карда мешаванд, бо тартиби зерин андозбандӣ мегарданд:

-масоҳати ҳар қитъаи замине, ки ба заминистифодабаранда мутобиқи ҳуҷҷати тасдиқкунанда вобаста карда шудааст, тибқи зербандҳои а) ва б) банди 2 ҳамин қисм андозбандӣ мегардад.

Маблағи андози замин вобаста ба масоҳати қитъаи замин ва мақсади истифодабарии он бо тартиби зерин ҳисоб карда мешавад:

а) барои қитъаҳои замин, аз ҷумла заминҳои зери биноҳои истиқоматӣ истифодашаванда ва биноҳои ёрирасони онҳо:

- то 0,12 гектар дар заминҳои обӣ ва то 0,15 гектар дар заминҳои обёринашаванда (лалмӣ) - тибқи меъёрҳои муқаррааргардида;

- аз 0,12 гектар то 0,20 гектар дар заминҳои обӣ ва аз 0,15 то 0,25 гектар дар заминҳои обёринашаванда (лалмӣ) - бо меъёри дукаратаи барои масоҳатҳои дар сархати якум зикргардида;

- зиёда аз 0,20 гектар дар заминҳои обӣ ва дар заминҳои обёринашаванда (лалмӣ) зиёда аз 0,25 гектар - бо меъёри секаратаи барои масоҳатҳои дар сархати якум муқаррааргардида;

б) барои заминҳои бо мақсади амалисозии фаъолияти соҳибкорӣ истифодашаванда, ба истисноии соҳибкорони инфиродии тибқи низоми содакардашуда барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ фаъолияткунанда, бо меъёри панҷкаратаи барои масоҳатҳои дар сархати якуми зербанди а) банди 2) ҳамин қисм муқаррааргардида.

Ҳамчунин, нисбат ба заминҳое, ки аз ҷониби шахсони ҳуқуқӣ истифода карда мешаванд, меъёри панҷкаратаи дар сархати якуми зербанди а) банди 2) қисми 3 ҳамин модда муқаррааргардида татбиқ карда мешавад.

**- Оё дар пардохти андози замин имтиёзҳо пешбинӣ гардидаанд?**

- Аз пардохти андози замин ҳудудҳо ва заминҳои зерин озод мебошанд:

- ҳудуди мамнӯъгоҳҳо, боғҳои миллӣ ва дендрологӣ, ботаникӣ, ёдгориҳои таърихӣ, фарҳангӣ ва меъморӣ, ки номгӯи ва масоҳати ҳудудҳои онҳо аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардидаанд;

- заминҳои муассисаҳои давлатӣ, ки барои амалисозии фаъолияти оинномавии (низомномавии) чунин муассисаҳо истифода мегарданд, ба истисноии заминҳои чунин муассисаҳо, ки барои фаъолияти соҳибкорӣ дода шудаанд;

- заминҳое, ки мутобиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вайроншуда эътироф шудаанд, инчунин, заминҳое, ки тибқи хулосаи расмии мақоми ваколатдори давлатии батанзимдарории муносибатҳои вобаста ба замин ва мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи кишоварзӣ дар марҳалаи азхудкунии кишоварзӣ қарор доранд, ба муҳлати 5 сол баъд аз гирифтани (оғози азхудкунии) чунин заминҳо;

- заминҳое, ки тахти хати мушоҳида дар тӯли сарҳади давлатӣ қарор дошта, бо мақсадҳои дигар истифода намешаванд;

- заминҳои истифодаи умумии маҳалҳои аҳолинишин ва хоҷагии коммуналӣ, аз ҷумла иттиҳодияҳои динӣ, қабристонҳо, агар дар чунин заминҳо фаъолияти соҳибкорӣ анҷом дода нашавад;

- заминҳои захираи озоди давлатӣ, инчунин, заминҳое, ки дар зери пиряххо, ярчҳо, дарёҳо ва кӯлҳо воқеъ мебошанд, агар дар онҳо фаъолияти соҳибкорӣ амалӣ карда нашавад;

- заминҳое, ки дар онҳо таҷҳизоти манбаъҳои барқароршавандаи барқ насб гардидаанд (бо қувваи номиналии 0,1 МВт ва зиёда аз он), ба муҳлати 5 сол аз санаи ба кор андохтани он;

- заминҳои тахти роҳҳои автомобилгарди истифодаи умум ва роҳи оҳан, инчунин заминҳои тахти объектҳои давлатии интиқоли барқ, обтаъминкунӣ ва иншооти обии давлатӣ қарордошта, агар дар онҳо фаъолияти соҳибкорӣ амалӣ карда нашавад;

- заминҳое, ки барои таъмини мудофиа ва амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи ҷойгиркунии онҳо ва масоҳати муқарарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шудаанд, агар дар онҳо фаъолияти соҳибкорӣ амалӣ карда нашавад;

- як қитъаи замини наздиҳавлигӣ ва қитъаи замине, ки барои сохтмони манзил ба шахсони дар сархати дуюми қисми 1 моддаи 347 Кодекси андоз зикршуда ҷудо гардидаанд;

- қитъаҳои замини наздиҳавлигие, ки ба муҳоҷирони ихтиёрӣ ва экологӣ барои зисти доимӣ аз як ноҳияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар дигар ноҳияҳои муайяннамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷудо карда шудаанд, ба муҳлати 3 сол баъд аз ҷудо намудани чунин заминҳо;

- қитъаҳои замини наздиҳавлӣ ва заминҳое, ки барои сохтмони манзил ба муаллимони дар муассисаҳои таҳсилоти ҳамагонӣ ва духтурони дар муассисаҳои тиббии деҳот коркунанда ҷудо карда шудаанд, дар давраи кори онҳо дар чунин муассисаҳо;

- масоҳати заминҳое, ки бо мақсадҳои илмӣ ва таълимӣ, инчунин, озмоиши навъҳои зироатҳои кишоварзӣ, дарахтҳои ороишӣ ва мевадиҳанда ба ташкилотҳои илмӣ, хоҷагиҳои таҷрибавӣ ва илмию озмоишӣ, муассисаҳои илмию таҳқиқотӣ ва муассисаҳои таълимии самтҳои кишоварзӣ ва хоҷагии ҷангал, ки номгӯи ва истифодабарандагони онҳоро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд, ҷудо гардидаанд, агар чунин масоҳатҳо бо мақсади соҳибкорӣ истифода нагарданд;

- қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ ва заминҳое, ки барои сохтмони манзил барои ҳамаи гурӯҳи маъюбон (ба истисноии маъюбони гурӯҳҳои I ва II) дар доираи меъёрҳои муқаррарнамудаи Кодекси замин ҷудо шудаанд, агар дар чунин оилаҳо шахси ғайри қобили меҳнат бошад ва шахси маъюб эътирофшуда бе ҷои кор бошад;

- замини чарогоҳҳо, алафзорҳо, бешаҳо ва заминҳои дигар, ки барои бунёди боғҳо ва токзорҳо истифода карда мешаванд, ба муҳлати 5 сол аз соли оғози бунёди боғҳо ва токзорҳо, агар чунин заминҳо қаблан барои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ истифода нашуда бошанд. Барои истифодаи имтиёзҳои андозии дар моддаи 353 пешбинишуда андозсупоранда уҳдадор аст ба мақомоти андози маҳалли ҷойгиршавии қитъаи замин ҳуҷҷатҳои дахлдори муайянкунандаи ҳуқуқи истифодаи замин ва ҳуҷҷатҳои дахлдори тасдиқкунандаро пешниҳод намояд.

Барои бархурдор гардидан аз имтиёзҳои пешбинишуда соҳибмулконро зарур аст, ки ҳуҷҷати тасдиқкунандаро доир ба масоҳати аз андозбандӣ озод ва ариза ба мақомоти андози маҳалли қайд пешниҳод намоянд.

**Мусоҳиб**
**Бибиноз МУРОДАЛИЕВА**

▼ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ МУОСИР

# ВОСИТАҲОИ АСОСИИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ МАДАНИЯТИ ХИЗМАТРАСОНӢ

**Насбу истифодаи дастгоҳҳои назоратӣ-хазинавӣ (ДНХ) шарти муҳими ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шудани субъектҳои соҳибкорӣ, аз ҷумла соҳибкории хурду миёна буда, яке аз воситаҳои асосии баланд бардоштани маданияти хизматрасонӣ ва иҷрои ҳисобу китоби пулӣ бо аҳолӣ мебошад. Қобили зикр аст, ки истифодаи оқилонаи ДНХ барои соҳибкорон ва муштариён воситаи муҳими муомилот ба ҳисоб рафта, риояи муқарраpоти Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқиро барои ҳарду ҷониб таъмин менамояд. Дар сурати истифодаи дурусти ДНХ соҳибкор имкон пайдо менамояд, ки ҳангоми пешниҳоди эъломияҳои андоз ба монеаҳо рӯ ба рӯ нашуда, бо сарфи ками вақт ҳисоботи андозии хешро ба мақомоти андоз пешниҳод намояд. Дар робита ба ин, суҳбате доштем бо сардори Раёсати маъмурикунонии низомҳои андози Сарраёсати маъмурикунонии андози Кумитаи андоз Собирҷон Исоев, ки фишурдаи онро пешниҳоди хонандагон мегардонем.**



**- Оё ҳангоми анҷом додани ҳисоббаробаркуниҳои нақдӣ истифода кардани дастгоҳи назоратӣ-хазинавӣ аз ҷониби андозсупорандагон ҳатмӣ аст?**

- Албатта! Мутобиқи муқаррароти моддаи 85 Кодекси андоз ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 октябри соли 2021, №432 "Дар бораи Тартиби истифодаи мошинҳои назоратӣ-хазинавӣ дар реҷаи вақти воқеӣ (онлайн) ва низомҳои хазинаҳои шартан (вертуалӣ)" ҳангоми анҷом додани ҳисоббаробаркуниҳои нақдӣ истифодаи ДНХ аз ҷониби субъектҳои хоҷагидор ҳатмӣ мебошад.

**- Ҳоло дар кишвар дар фаъолияти андозсупорандагон чӣ қадар ДНХ-ҳо насб гардидаанд?**

- Мутобиқи махзани маълумот, ба ҳолати 1 октябри соли 2022 дар миқёси ҷумҳурӣ дар фаъолияти 23313 адад субъекти хоҷагидор 32613 адад ДНХ (аз ҷумла шахсони ҳуқуқӣ 16681 адад ва соҳибкорони инфиродӣ 15814 адад) насб карда шудааст. Бояд гуфт, ки шумораи ДНХ-ҳои насбшуда нисбат ба аввали соли 2022, дар маҷмӯъ, 2964 адад ё 110 фоиз зиёд мебошад.

Шумораи ДНХ-ҳои насбшуда ба ҳолати 1 октябри соли 2022 дар фаъолияти андозсупорандагон дар нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 146 адад, вилояти Хатлон 5139 адад, вилояти Суғд 10375 адад, шаҳри Душанбе 12163 адад, РААК ва нозиротҳои он, дар маҷмӯъ, 417 адад ва дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, маҷмӯан, 4373 ададро ташкил медиҳад.

**- Ҳаҷми амалиётҳои нақдии анҷомдодаи субъектҳои хоҷагидор тавассути дастгоҳҳои назоратӣ-хазинавӣ дар давраи ҳисоботӣ чӣ қадар аст?**

- Ба ҳолати 1 октябри соли 2022 маблағи умумии амалиётҳои чаканаи молҳои тавассути ДНХ анҷомдодашуда, дар ҷумҳурӣ 20,7 млрд сомониро ташкил медиҳад, ки нишондиҳандаи рафти истифодаи ДНХ нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта (14,9 млрд сомонӣ) 5,7 млрд сомонӣ ё ба 138,6 фоиз баробар мебошад. Бояд қайд намуд, ки аз 20,7 млрд сомонӣ ҳиссаи амалиётҳои нақдии тавассути ДНХ барасмиятдаровардашуда дар 9 моҳи соли 2022, дар буриши субъектҳои хоҷагидор аз рӯи шакли ташкилию ҳуқуқӣ ба таври зайл аст:

- шахсони ҳуқуқии дар низоми умумӣ фаъолияткунанда 17,5 млрд сомонӣ ё 89,2 фоиз;
- шахсони ҳуқуқии дар низоми содакардашуда фаъолияткунанда 1,8 млрд сомонӣ ё 9,3 фоиз;
- шахсони ҳуқуқии дар шакли корхонаҳои буҷетӣ ва воҳиди давлатӣ (фаръӣ) фаъолияткунанда 286,4 млн сомонӣ ё 1,5 фоиз;
- соҳибкорони инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда 1,1 млрд сомонӣ ё 5,4 фоиз.

**- Маълум мешавад, ки амалиётҳои андозбандишаванда тавассути дастгоҳҳои назоратӣ-хазинавӣ афзоиш ёфтааст. Метавонед ба масъалаи мазкур равшанӣ андозед?**

- Яке аз сабабҳои афзоиш ёфтани амалиёти андозбандишаванда тавассути ДНХ, агар аз як тараф, ин вобаста ба беҳтар гардидани раванди таъмин ва истифодабарии ДНХ, ташкили мониторинг, ҳамзамон, тавассути модули барномаи компютерӣ пешбинӣ намудани ба таври электронӣ ташкил гардидани манбаъҳои андозбандии тавассути маълумоти аз ДНХ воридшаванда бошад, сабабҳои дигари афзоиш ёфтани ҳаҷми амалиёти нақдӣ дар он зоҳир мешавад, ки субъектҳои дар низоми умумӣ фаъолияткунанда, бо мақсади канорагирӣ аз андозбандӣ аз навиштани ҳисобнома-фактураҳои ААИ худдорӣ намуда, амалиётҳо худро тавассути ДНХ ба расмият даровардa истодаанд, ки чунин ҳолат, албатта, ташвишовар мебошад.

Ҳарчанд амалиётҳои нақдии субъектҳои хоҷагидор дар 9 моҳи соли 2022, дар маҷмӯъ, 138,6 фоиз афзоиш ёфтааст, аммо дар баъзе аз шаҳру ноҳияҳо камшавии амалиётҳои нақдии субектҳои хоҷагидор ба назар мерасанд. Аз ҷумла камшавии амалиётҳои нақдии андозсупорандагон дар 9 моҳи соли 2022 нисбат ба ҳамин давраи соли 2021 тавассути ДНХ, асосан, дар шаҳру ноҳияҳои Варзоб 1,8 млн сомонӣ, Восеъ 23,7 млн сомонӣ, Данғара 12,8 млн сомонӣ, Муъминобод 8,8 млн сомонӣ, Балҷувон 11,7 млн сомонӣ, Зафаробод 1,9 млн сомонӣ ва Истиқлол 43,1 млн сомонӣ мушоҳида мешавад.

**- Тавре ба назар мерасад, баъзе субъектҳои соҳибкорӣ аз ДНХ пурра истифода намекунанд...**

- Дар ҳақиқат, чунин ҳолатҳо дар фаъолияти соҳибкорон мушоҳида мешавад. Аслан, истифодаи ДНХ имкон медиҳад, ки андозсупоранда ва интизоми ӯ оид ба истифодаи ДНХ дар низоми мустақим (онлайн) зери назорат қарор гирифта, масъулияти андозсупоранда ҷиҳати риояи қонунгузории андоз баланд шавад ва сатҳу сифати хизматрасонии ба андозсупорандагон беҳтар гардад.

Натиҷаи корҳои таҳлилию назоратӣ ва баррасии фаъолият дар ин самт нишон медиҳанд, ки новобаста аз чораҳои зарурии дар ин самт андешидашуда, ҳоло ҳам насбу истифодаи ДНХ дар баъзе аз нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои мамлакат дуруст ба роҳ монда нашудааст.

Мутобиқи таҳлилҳои гузаронидашуда, дар миқёси ҷумҳурӣ ба ҳолати 1 октябри соли 2022 аз 32613 адад ДНХ-и амалкунанда, аз ҷониби ҳамагӣ 26010 адад ё 80,4 фоизи андозсупорандагон истифодабарии ДНХ мунтазам таъмин мешавад. Шумораи ДНХ-ҳое, ки ба тариқи афзоянда истифода нагардида истодаанд, ба ҳисоби миёна, дар маҷмӯъ, 6425 адад ё 19,8 фоизро ташкил медиҳад. Аз ин 2920 адад ё 17,6 фоиз ба шахсони ҳуқуқӣ ва 3505 адад ё 22,1 фоиз ба соҳибкорони инфиродӣ рост меояд.

Агарчи дар натиҷаи амалӣ намудани корҳои таҳлилию назоратии иловагӣ дар фаъолияти субъектҳои хоҷагидор истифодабарии ДНХ дар 9 моҳи соли 2022 нисбат ба аввали соли 2022, дар маҷмӯъ, 1521 адад ё 6,2 банди фоизӣ зиёд гардидааст, аммо мақомоти ҳудудии андозро зарур аст, ки назоратро дар ин самт пурзӯр намоянд.

**- Аслан, чӣ сабаб мешавад, ки андозсупоранда ҳангоми ҳисоббаробаркуниҳои нақдӣ аз истифодаи ДНХ худдорӣ мекунад?**

- Яке аз сабабҳои пурра истифода нагардидани ДНХ, агар аз як тараф, ба хусусияти фаъолият ва мавсимӣ будани фаъолияти субъектҳои хоҷагидор вобаста бошад, аз ҷониби дигар иҷро карда нашудани ӯҳдадориҳои андозӣ аз тарафи андозсупорандагон мебошад. Яъне, баъзе андозсупорандагон намехоҳанд даромади бадастовардаи худро пурра нишон диҳанд.

**- Нисбати шахсоне, ки дар фаъолияти соҳибкории худ ДНХ-ро насб накардаанд ва ё онро насб кардаанду аз он истифода намекунанд, чӣ чораҳо андешида мешавад?**

- Барои хубтар роҳандозӣ гардидани фаъолияти соҳибкорон ва истифода шудани ДНХ аз ҷониби онҳо, кормандони мақомоти андоз дар марказҳои савдо ва бозорҳои кишвар бо соҳибкорон пайваста корҳои фаҳмондадиҳӣ мегузаронанд. Яке аз чунин корҳои назоратӣ гузаронидани хариди назоратӣ ба ҳисоб меравад, ки мақсад аз ин амал хубтар ба роҳ монда шудани фаъолияти соҳибкорон ва пешгирӣ аз қонунвайронкуниҳои андоз дар мавриди истифодаи дастгоҳи назоратӣ-хазинавӣ мебошад.

Ин аст, ки дар давоми 9 моҳи соли 2022 нисбати андозсупорандагоне, ки тартиби истифодабарии ДНХ – ро риоя накардаанд, мутобиқи муқаррароти моддаҳои 614 ва 615 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати 2156 адад субъекти хоҷагидор ба маблағи 14,7 млн сомонӣ ҷаримаҳои маъмурӣ таъйин ва пардохти 11,8 млн сомонии он ба буҷет таъмин шудааст.

**- Оё ҳастанд шаҳру ноҳияҳое, ки дар ин давра дар фаъолияти андозсупорандагон хариди назоратиро кам гузаронидаю протоколҳои ҳуқуқвайронкунии маъмуриро низ кам тартиб додаанд?**

- Новобаста аз чораҳои андешидашуда, мутаассифона, нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои Лахш, Тоҷикобод, Варзоб, Истиқлол, Шаҳристон, Дӯстӣ, Носири Хусрав, Левакант, Темурмалик, Муъминобод ва Ховаинг ҳамагӣ аз 1 то 3-ададӣ протоколҳои ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ тартиб додаанд. Ҳол он ки дар шаҳру ноҳияҳои мазкур ба ҳисоби миёна аз 16 то 30 фоизи шумораи умумии субъектҳои хоҷагидор аз ДНХ истифода накарда истодаанд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки бо мақсади аз байн бурдани фарқи нишондиҳандаҳои ДНХ ва ҳисоботи пешниҳодшудаи андозсупорандагон, мутобиқи муқаррароти Фармоиши Кумитаи андоз аз 10 ноябри соли 2021, №525 дар махзани маълумоти Кумитаи андоз тағйиру иловаҳо ворид карда шуда, ҳангоми ба миён омадани фарқият маҳдудият ҷорӣ гардидааст, ки субъектҳои хоҷагидор дар вақти пешниҳоди эъломияҳои андозӣ, наметавонанд даромади андозбандишавандаи худро аз нишондоди ДНХ кам пешниҳод намоянд.

**- Чӣ бояд кард, то андозсупоранда бо эҳсоси масъулият ДНХ-ро дар фаъолияташ мустақилона истифода намояд?**

- Тавре аз мушоҳидаҳо бармеояд, ҳарчанд соҳибкорон бо ДНХ таъминанд, аммо баъзеашон аз он ба тавре зарурӣ истифода намекунанд. Вақте аз онҳо сабаби истифода накарданашонро пурсон мешавем, набудани савдо, аҳамият надодани харидорон ва корношоям будани ДНХ-ро баҳона мекунанд. Ин дар ҳолест, ки истифодаи ДНХ ҳангоми ҳисоббаробаркуниҳои пулӣ дар вақти фурӯши мол, иҷрои кор ва хизматрасониҳо бо пули нақд дар асоси қонунгузории андоз ҳатмӣ мебошад.

Аз ин рӯ, соҳибкоронро зарур аст, ки зимни истифодаи ДНХ масъулият эҳсос кунанд ва онро дар фаъолияти худ истифода намуда, ба харидорон ҳатман аз ДНХ чипта пешниҳод намоянд. Ҳамзамон, ҷиҳати тақвият бахшидан ба раванди таъмини соҳибкорон бо ДНХ мақомоти ҳудудии андоз бояд бо истифода аз таҳлили барномаҳои компютерӣ корро дар ин самт ҷоннок намоянд. Умуман, ҳар як шаҳрванд бояд дар рушду нумӯи кишвар саҳмгузор ва дар назди ҷомеа ҳисси масъулият дошта бошад. Танҳо дар ҳамин сурат метавон ба комёбиҳои назаррас ноил шуд.

**- Ташаккур барои суҳбат!**

- Саломат бошед!

**Мусоҳиб**
**Тоҳир ЧИЛАЕВ**

# ВОРИДОТИ МАБЛАҒҲОИ АНДОЗ АЗ БИЗНЕСИ БОЗӢ

**Солҳои охир бизнеси бозӣ ҳамчун фаъолияти соҳибкорӣ, чуноне ба назар мерасад, рушд карда истодааст. Намудҳои гуногуни бизнеси бозиро имрӯз, на танҳо дар маркази шаҳру ноҳияҳо, балки дар шаҳраку деҳоти дурдаст низ дидан мумкин аст.**

Лозим ба ёдоварист, ки дар Кодекси нави андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз 1-уми январи соли равон мавриди амал қарор гирифт, бо дарназардошти рушди фаъолияти соҳибкорон дар соҳаи бизнеси бозӣ тартиби андозбандии ин намуди фаъолияти соҳибкорӣ мушаххас ва возеҳ нишон дода шудааст. Муқаррароти боби 54, моддаҳои 389-394 Кодекси андоз мафҳуми бизнеси бозӣ, андозсупорандагон, объекти андозбандӣ, манбаи андоз, меъёри андоз, давраи андоз ва тартиби пардохти андоз аз бизнеси бозиро дарбар гирифтаанд. Тибқи ҳамин муқаррарот андозсупорандагони бизнеси бозӣ шахсони ҳуқуқӣ ва филиалҳои онҳо, филиалҳо ва намояндагиҳои шахсони ҳуқуқии хориҷӣ ва соҳибкорони инфиродие мебошанд, ки фаъолияти соҳибкориро дар бизнеси бозӣ амалӣ менамоянд. Объектҳои андозбандӣ барои андоз аз бизнеси бозӣ сомонаи бизнеси бозӣ, нуқтаи қабули шартҳо дар тотализатор, нуқтаи қабули шартҳо дар идораи букмекерӣ, мизи бозӣ, автомати бозии бе бурди пулӣ, роҳрави бозӣ ҳангоми бозии боулинг, мизи билярд, ташкили лото, ба фурӯш баровардани лотерея, объектҳои дигари бизнеси бозӣ мебошанд, ки аз ҷониби мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ муайян карда мешаванд. Маблағи андоз аз бизнеси бозӣ барои давраи андоз мутобиқи нишондоди




моддаи 392 Кодекси андоз, новобаста ба андозаи даромад, дар ҳаҷми устувор барои ҳар як воҳиди объекти андозбандӣ дар мувофиқа бо мақоми ваколатдори давлатӣ аз ҷониби мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо муқаррар карда мешавад.

Бояд қайд намуд, ки дар шаҳри Хуҷанд бизнеси бозӣ ҳамчун фаъолияти соҳибкорӣ сол аз сол назаррастар мегардад. Теъдоди шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродие, ки фаъолияти соҳибкории худро дар соҳаи бизнеси бозӣ ба роҳ мемонанд, ҳамасола меафзоянд.

Тавре сардори Нозироти андоз дар шаҳри Хуҷанд Изатулло Мансурзода мегӯяд, айни ҳол 9 адад шахси ҳуқуқӣ ва 29 нафар соҳибкори инфиродӣ ҳамчун супорандагони андоз аз бизнеси бозӣ дар мақомоти андоз ба қайди давлатӣ гирифта шудаанд, ки воҳиди алоҳидаи ҶДММ «Формула 55», воҳиди алоҳидаи ҶДММ «Ирсол тенниси ТҶ», ҶДММ «Торино», ҶДММ «Олами Варзиш», Филиали ҶДММ «Милодиён», Филиали ҶДММ «Мукофот Б», воҳиди алоҳидаи ҶДММ «Равшан ТҶ», воҳиди алоҳидаи ҶДММ «Идораи букмекерии Париматч» ва воҳиди алоҳидаи ҶДММ «Муваффақ ва Комёб» аз ҳамин ҷумлаанд. Инҳо дар навбати худ дар ҳудуди шаҳри Хуҷанд, дар маҷмӯъ, 34 нуқтаи хизматрасонӣ доранд ва шумораи коргарони кироие, ки дар ин ҷамъиятҳо чун субъектҳои бизнеси бозӣ фаъолият менамоянд, дар умум, 60 нафарро ташкил медиҳанд.

Бино ба иттилои манбаъ, маблағи андоз аз бизнеси бозӣ барои соли 2022 тибқи қарори мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Хуҷанд барои ҳар як воҳиди объекти андозбандӣ 10 ҳазор сомонӣ дар ҳаҷми устувор муқаррар карда шудааст.

Нақшаи тасдиқнамудаи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Нозироти андоз дар шаҳри Хуҷанд оид ба ҷамъоварии маблағи андоз аз бизнеси бозӣ барои 10 моҳи соли 2022, дар маҷмӯъ, 1 миллиону 955 ҳазору 905 сомонӣ пешбинӣ шуда буд. Дар заминаи пешбурди корҳои фаҳмондадиҳӣ ва назоратии андоз дар самти сари вақт ба қайди давлатӣ гирифтани манбаъҳои андозбандишаванда дар ин соҳа, назорати дуруст ҳисобу пардохт намудани андоз аз бизнеси бозӣ аз ҷониби ин субъектҳо, ба кормандони нозироти андози шаҳр муяссар гардид, ки нишондиҳандаҳои ҷамъоварии маблағи андоз аз бизнеси бозиро дар ин давраи сипаришудаи соли равон 122% таъмин намоянд. Ба қисми даромади буҷети давлатӣ аз ҳисоби андоз аз бизнеси бозӣ дар даҳ моҳи сипаришуда 2 миллиону 390 ҳазору 881 сомонӣ маблағ ворид гардидааст.

Кормандони Нозироти андоз дар шаҳри Хуҷанд тасмим доранд минбаъд низ барои дарёфти манбаъҳои наву иловагии андозбандишаванда дар ин соҳа ва афзун намудани ҳаҷми воридоти маблағи андоз аз бизнеси бозӣ корҳои фаҳмондадиҳӣ ва назоратиро пурзӯр намоянд.

**Тоҳирҷон ИСКАНДАРЗОДА,**
**вилояти Суғд**

# МУБОДИЛАИ АФКОР

**Дар ҶДММ "Мирзохӯҷа"-и шаҳри Душанбе бо иштироки кормандони Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе ва соҳибкорони инфиродии ҷамъияти мазкур семинар-машварат баргузор гардид. Семинар-машваратро сармутахассиси шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагони Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе Ҳабибулло Умаров оғоз карда, нахуст баъзе муқаррароти қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2022, №151 «Дар бораи Қоидаҳои андозбандии фаъолияти соҳибкорони инфиродии дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолияткунанда»-ро ба соҳибкорон шарҳ дод.**

- Бо қабул шудани Кодекси андоз дар таҳрири нав, -гуфт ӯ,-қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2022, №151 «Дар бораи Қоидаҳои андозбандии фаъолияти соҳибкорони инфиродии дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолияткунанда» дар таҳрири нав қабул ва аз санаи 1 майи соли 2022 мавриди амал қарор гирифт.-Бо ин мақсад, соҳибкорони инфиродии дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолияткунандаро зарур буд, ки то санаи 1 июли соли 2022, азнавбақайдгириро гузашта, низоми андозбандии худро ба талаботи қарори мазкур мутобиқ намоянд.

Ҳабибулло Умаров хотирнишон сохт, ки дар асоси қарори зикршуда соҳибкори инфиродии дар асоси шаҳодатнома дар низомҳои махсус фаъолияткунанда наметавонад намудҳои зерини фаъолиятро анҷом диҳад:

- истеҳсол ва воридоти маҳсулоти зераксизӣ;
- фаъолияти иқтисодии хориҷӣ зиёда аз 1 миллион сомонӣ;
- ташкили коргоҳҳои оҳангудозӣ (ба истисноӣ кафшергарӣ, корҳои оҳангарии асбобҳои рӯзгор, сохтани дарвоза ва панҷараҳо), коргоҳҳои пахтатозакунӣ (пахтазанак), равғанбарорӣ, мебелсозӣ ва коргоҳҳои истеҳсоли дару тирезаҳои пластикӣ;
- фаъолият оид ба ташкили коргоҳҳои истеҳсолӣ ва фаъолият оид ба бандубасти ҳама намудҳои молу масолеҳи сохтмонӣ ва саноатӣ;
- фаъолияти тиббию косметикӣ ва ташхисҳои тиббӣ (ба истисноӣ тибби мардумӣ);
- хизматрасонии нақлиётӣ (логистикӣ) дар самти ташкили хатсайрҳои мусофиркашонии боркашонӣ, ҳамлу нақли дохилӣ ва байналмилалӣ;
- фаъолият оид ба ташкили нуқтаҳои хӯроки умумӣ, аз ҷумла тарабхона, қаҳвахона, ошхона ва марказҳои калони савдо, агар масоҳати умумии объекти ғайриманқули онҳо зиёда аз 100 метри мураббаъро ташкил диҳад.

Дар идомаи семинар-машварат тартиби андозбандии соҳибкорони бо патент ва бо шаҳодатнома бо шартҳои махсус ва шаҳодатнома дар низоми махсус фаъолияткунанда шарҳу тавзеҳ дода шуд.

Ҳамчунин, аз андозсупорандагон даъват ба амал оварда шуд, ки уҳдадории андозии худро оид ба пешниҳоди саривақтии ҳисобот ва эъломияҳо иҷро намоянд, дар эъломияҳои андозӣ манбаъҳои андозбандишавандаро дуруст нишон диҳанд ва дар тартиб додани санадҳои муқоисавӣ дар мӯҳлатҳои муқарраршуда ва таъмини риояи қонунгузории андоз, аз ҷумла мутобиқ намудани гурӯҳҳои фаъолият ба тартиби нав бетарафӣ зоҳир накунанд.

Дар интиҳои семинар-машварат миёни андозсупорандагон ва кормандони Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе саволу ҷавоб сурат гирифт.

**Инобат САДИРОВА**

## ПРАВИТЕЛЬСТВО БРИТАНИИ ПОВЫСИТ НАЛОГИ ДЛЯ БОРЬБЫ С ДЕФИЦИТОМ БЮДЖЕТА

**Риши Сунак планирует увеличить налоги, чтобы покрыть дыру в бюджете в размере 50 млрд фунтов ($57,5 млрд)**



Премьер-министр Великобритании Риши Сунак собирается повысить налоги для того, чтобы покрыть дыру в размере 50 млрд фунтов ($57,5 млрд), которая образовалась в бюджете страны, пишет ТАСС со ссылкой на Financial Times (FT).

По информации FT, глава Минфина Британии Джереми Хант и премьер-министр 31 октября согласовали действия в этой области. «Это будет жестко. Правда заключается в том, что всем придется вносить больший вклад в области налогов, если мы хотим сохранить государственные услуги», — поведал источник в британском Минфине.

«После заимствования сотен миллиардов во время пандемии коронавируса и воплощения в жизнь массовой поддержки (населения) по счетам за электричество мы не сможем устранить бюджетную дыру одним лишь сокращением расходов», — заявил он.

**Источник: http://taxpravo.ru**

# ИҶРОИ ТАЛАБОТИ ҚОНУН ВА ПАРДОХТИ АНДОЗ АЗ ФОИДА



**Дар вилояти Хатлон супорандагони андоз аз фоида 813 адад мебошанд. Аз онҳо 798 ададашон эъломияҳои андози фоидаро барои соли 2021 пешниҳод намудаанд, ки 98,2 фоизро ташкил медиҳад.**

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар асоси эъломияҳои пешниҳоднамудаи андозсупорандагон даромади умумии онҳо дар соли 2021-ум 4588,6 миллион сомониро ташкил дода, хароҷот ба 4240,6 миллион сомонӣ баробар гардидааст, ки таносуби хароҷот нисбат ба даромад 92,4 фоизро ташкил медиҳад.

Сардори шуъбаи баҳисобгирии даромадҳои Раёсати андоз дар вилояти Хатлон Сангин Саидзода изҳор намуд, ки аз тарафи раёсати андоз рӯихати андозсупорандагон бо нишондоди даромади умумӣ, хароҷот, фоида ва зарар, таносуби хароҷот нисбат ба даромади умумӣ, маблағи ҳисобшудаи андоз аз фоида, пардохтҳои ҷории андоз ва маблағҳо барои ҳисобкунӣ ё камкунӣ дар алоҳидагӣ ба мақомоти ҳудудии андоз мунтазам барои чораҷӯӣ ирсол мегардад.

Иттилоъ дода шуд, ки дар натиҷаи пешниҳоди эъломияҳои андоз ҳисоби андози фоида, дар маҷмӯъ, 76,1 миллион сомониро ташкил медиҳад. Аслан, пешпардохтҳои андози фоида дар ин давра 63,3 миллион сомониро дар бар мегирад. Маблағи андоз аз фоида, ки бояд ба буҷет пардохт карда шавад, аз фарқияти маблағи ҳисобшуда ва пардохтҳои ҷорӣ ба 12,7 миллион сомонӣ баробар гардид.

- Раёсати андоз дар вилояти Хатлон бо мақсади таъмини маъмурикунонии даромадҳои субъектҳои дар низомҳои умумӣ ва соддакардашудаи андозбандӣ фаъолияткунанда ва риояи талаботи Кодекси андоз дар қисмати пешниҳоди тавозуни муҳосибавӣ, ҳамзамон, дар ҳисоботи андоз дарҷ намудани даромади умумӣ, даромади соф ва бартараф намудани камбудиҳо дар ин самт, дар фаъолияти мақомоти ҳудудии андоз таҳлилу омӯзишҳо гузаронид, - гуфт Сангин Саидзода. - Натиҷаи таҳлилҳо аз рӯйи маълумоти барномаи компютерӣ муайян кард, ки аз ҳисоби 6677 адад андозсупорандаи дар ин низомҳо фаъолияткунанда 2583 адад барои соли 2021 тавозуни муҳосибавиро пешниҳод намудаанд.

Ба иттилои ҳуқуқшинос Саидҷаъфар Сафарзода мутобиқи талаботи моддаи 10-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» корхонаю ташкилотҳо баҳисобгирии муҳосибиро ба таври доимӣ аз лаҳзаи ба сифати шахси ҳуқуқӣ ба қайд гирифта шуданашон, амалӣ менамоянд. Дар баробари ин, ташкилотҳои хурде, ки низоми содакардашудаи андозбандиро истифода мекунанд, усули содакардашудаи ҳисобот ва баҳисобгирии муҳосибиро пеш мебаранд ва тибқи талаботи моддаҳои 48 ва 50 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон шахси ҳуқуқӣ бояд тавозун (баланс) ё сметаи мустақил дошта бошад. Шахсони ҳуқуқие, ки ҳамчун ташкилотҳои тиҷоратӣ мебошанд, метавонанд дар шакли ширкату ҷамъиятҳои хоҷагидорӣ, кооперативҳои тиҷоратӣ (истеҳсолӣ), корхонаҳои воҳиди давлатӣ ва коммуналӣ таъсис дода шаванд.

Ба ин хотир, мақомоти ҳудудии андоз ҷиҳати иҷрои талаботи қонунгузории андоз дар самти таъмини пешниҳоди тавозуни муҳосибавӣ, беҳтар намудани нишондиҳандаҳо дар ин самт, пурра ба андозбандӣ фаро гирифтани андоз аз фоидаи шахсони ҳуқуқӣ ва андози даромад аз суди саҳмияҳо чораандешӣ намуда истодаанд. Ҳамзамон, баҳри барқарор намудани эъломияҳои пешниҳоднашудаи андоз аз фоидаи андозсупорандагон ва ҷиҳати кам кардани бақияи қарзи андозҳо, гузаронидани назорати камералӣ нисбати супорандагони андоз аз фоида корҳои назоратӣ анҷом дода шудааст.

**С. РУСТАМ,**
**вилояти Хатлон**

**Кормандони Нозироти андоз дар ноҳияи Шаҳристон нишондиҳандаҳои ҷамъоварии андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмиро дар ҷамъбасти нуҳ моҳи соли 2022 иҷро намуданд. Ба қисми даромади буҷети давлатӣ дар ин давра беш аз 14 миллион сомонӣ маблағ ворид гардид, ки баробари 103,2 фоизи нақша мебошад.**

# ТАҲЛИЛИ САМТҲОИ ФАЪОЛИЯТ

Ба гуфтаи сардори нозироти андоз Назирҷон Қосимӣ, нақшаи пешбинишудаи ҷамъоварии андозҳо дар нуҳ моҳи соли 2022 назар ба ҳамин давраи соли гузашта 3 миллиону 360 ҳазор сомонӣ афзоиш ёфтааст. Дар ин замина, ҳаҷми маблағҳои воридшуда ба буҷет низ дар нуҳ моҳи соли равон нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 1 миллиону 885 ҳазор сомонӣ зиёд гардидааст. Дар ин давраи сипаришудаи соли 2022 нишондиҳандаҳои андоз аз арзиши иловашуда 112,7%, андоз аз молу мулк 106,4%, андозҳо барои захираҳои табиӣ 104,1%, андоз аз даромад 103,8%, андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ 101,0% ва боҷи давлатӣ 107,8% иҷро гардидаанд. Умуман, аз 7 намуд андозҳои воридшаванда нақшаи шаш намуди онҳо босифат таъмин карда шудаанд. Танҳо нақшаи як намуди андоз - низоми махсуси андозбандӣ барои субъектҳои соҳибкории хурд 96,2%-ро ташкил дода, аз ин ҳисоб ба буҷет 97,5 ҳазор сомонӣ маблағи андозҳо ворид нашуд. Сабабҳои иҷро нагаштани андози мазкур сари вақт карда пардохт нашудани маблағи ин намуди андоз аз ҷониби баъзе андозсупорандагон мебошад. Инчунин, барои зиёдшавии музди меҳнат аз ҷониби ин субъектҳои соҳибкорӣ чора дида нашудааст. Ё худ музди меҳнати аслии пардохтшаванда аз тарафи шахсони масъули андозсупорандагон рӯйпӯш гардидаанд.

Тавре маълум аст, аз санаи 1-уми майи соли 2022 инҷониб дар мақомоти ҳудудии андоз қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 31 марти соли 2022, №151, “Дар бораи Қоидаҳои андозбандии соҳибкорони инфиродии дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолияткунанда” мавриди амал қарор дорад. Дар асоси талаботи қарори мазкур як қатор номгӯйи намудҳои фаъолияти соҳибкорӣ аз рӯи патент ба намудҳои фаъолияти бо шаҳодатнома бо шартҳои махсус амалишаванда гузаронида мешаванд. Ҳамзамон, дар дигар ҳолат, вобаста ба хусусияти фаъолият гузариши намудҳои алоҳидаи фаъолият аз рӯи шаҳодатнома дар низомҳои андозбандӣ ва шахси ҳуқуқӣ пешбинӣ гардидаанд, ки зарурати мутобиқ намудани гурӯҳҳои фаъолият, азнавбақайдгирӣ ва гузариши соҳибкорони инфиродӣ ба миён омадааст.

Дар заминаи татбиқи қарори мазкур дар Нозироти андоз дар ноҳияи Шаҳристон аз 90 нафар соҳибкори инфиродии дар асоси патент фаъолияткунанда, ки бояд ивази варақа менамуданд, то имрӯз 71 нафарашон бо варақаи нави патент таъмин карда шудаанд. Аз 74 нафар соҳибкори инфиродии бо патент амалкунанда, ки минбаъд бояд фаъолияташонро бо шаҳодатнома бо шартҳои махсус ба роҳ монанд, 73 нафарашон, аллакай, бо ин гуна ҳуҷҷати соҳибкорӣ фаъолият намуда истодаанд.

Яке аз масъалаҳои ҳалталаб дар нозироти андози ноҳия мавҷудияти бақияи қарзи андозҳо мебошад. Ба санаи 1-уми октябри соли 2022 бақияи қарзи андозҳо дар ноҳия 855,6 ҳазор сомониро ташкил дода, нисбат ба аввали сол 322,5 ҳазор сомонӣ кам шудааст.

- Албатта, барои кам кардани бақияи қарзи андоз мо як қатор чорабиниҳоро амалӣ намудем, - гуфт Н. Қосимӣ. - Аз ҷумла дар нуҳ моҳи соли ҷорӣ ба андозсупорандагони қарздор огоҳиномаҳо ирсол намуда, нисбати он шахсоне, ки бақияи қарзи андозро сари вақт пардохт накардаанд, қарорҳои маҷбуран ситонидани қарзи андоз қабул намудем. Дар натиҷа, нисбати 26 адад андозсупоранда 42 қарор бароварда шуда, аз ҳисоби қарорҳои имсола ва соли гузашта, дар маҷмӯъ, 610,8 ҳазор сомонӣ маблағи қарзи андозҳо ба буҷет рӯёнида шуд. Барои кам кардани бақияи қарзи андозҳо моро зарур аст, ки ситоди доимоамалкунанда ташкил намуда, корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронем. Ҳамзамон, барои ситонидани қарз аз шахси сеюм ба андозсупорандагон ёрии амалӣ расонем.

Назирҷон Қосимӣ изҳор кард, ки дар нуҳ моҳи соли ҷорӣ ҳамагӣ 65 адад протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб дода шудааст. Тавре таҳлили маълумоти барномаҳои компютерӣ нишон медиҳанд, бархе андозсупорандагон эъломияи андозро сари вақт пешниҳод намекунанд. Маблағи ҷаримаҳо низ ба пурра ворид нашуда, танҳо 86% ситонида шудааст. Хулоса, кормандони мақомоти андози ноҳияро зарур аст, ки барои беҳтар намудани фаъолият дар ин самт чораҳои амалӣ андешанд.

**Тоҳирҷон ИСКАНДАРЗОДА,**
**вилояти Суғд**

## БАЙДЕН ПЛАНИРУЕТ ВВЕСТИ НАЛОГ НА СВЕРХПРИБЫЛЬ ДЛЯ АМЕРИКАНСКИХ НЕФТЯНИКОВ

### Президент США предложит нефтяникам нарастить производство, в ином случае введет налог на сверхприбыль

**Президент США Джо Байден призовет нефтяные компании инвестировать средства в уменьшение цен на бензин, в ином случае он предложит конгрессу ввести для них налог на «непредвиденную прибыль», пишет РБК со ссылкой на издание Associated Press (AP).**

AP пишет, что Белый дом ранее анонсировал выступление Байдена в ответ на сообщения о том, что «крупные нефтяные компании получают рекордную прибыль и при этом отказываются помочь снизить цены на заправках».

«Президент снова призовет нефтегазовые компании инвестировать свою рекордную прибыль в снижение расходов американских семей (на бензин) и в наращивание производства. Если они этого не сделают, он призовет конгресс рассмотреть вопрос о том, чтобы потребовать от нефтяных компаний уплаты дополнительных налогов», — поведал собеседник издания.

**Источник: http://taxpravo.ru**

# ПЕШГИРӢ

## АЗ ҚОНУНВАЙРОНКУНИҲОИ АНДОЗӢ

**Назорати камералӣ шакли назорати андоз буда, бе ҳозир шудан ба маҳалли фаъолияти андозсупоранда, дар асоси омӯзиш ва таҳлили ҳисоботи андозсупоранда (агенти андоз) ва иттилооте, ки дар асоси муқаррароти Кодекси андоз дастрас гардидаанд, бе талаб намудани ҳуҷҷат ва иттилооти иловагӣ аз андозсупоранда дар мақомоти андоз анҷом дода мешавад.**



Назорати камералӣ, аслан, бо мақсади пешгирии қонунвайронкуниҳои андоз гузаронида мешавад ва ба андозсупоранда имконият медиҳад, ки номутобиқатиҳои ҷойдоштаро бартараф намояд. Он дар шакли автоматӣ бо истифода аз барномаҳои электронӣ бо риояи муқарраротии Кодекси андоз сурат мегирад. Дар ҳолати ошкор гардидани номутобиқатӣ дар ҳисоботи андозӣ аз ҷониби мақомоти андоз ба андозсупоранда огоҳинома дар шакли хаттӣ ё электронӣ ирсол карда мешавад.

- Вобаста ба ин, - гуфтанд дар Сарраёсати назорати андози Кумитаи андоз, - андозсупоранда уҳдадор аст, ки дар давоми 10 рӯзи тақвимӣ, аз санаи гирифтани огоҳинома, иҷрои онро таъмин намояд ё бо ҳуҷҷатҳои асосноккунанда тавзеҳоти дахлдорро пешниҳод кунад. - Дар ҳолати мавҷуд будани сабабҳои узрнок, ба монанди бемории бистарии шахси масъул ё фарзандон, хешони наздик, сафари хизматӣ, берун аз Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор доштани шахси масъул ва ҳолатҳои дигари ба ин монанд, муҳлати иҷрои огоҳинома ба 20 рӯзи тақвимӣ дароз карда мешавад. Андозсупоранда барои ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои худ вобаста ба маводи назорати камералӣ метавонад машваратчӣ ё шахси дигарро ҳамчун намоянда дар асоси ваколатнома бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ таъйин намояд. Дар ҷараёни назорати камералии эъломияҳо ва ҳисоботи андозсупорандагон, инчунин, муқоисаи онҳо бо маълумоти дар мақомоти андоз ҷойдошта, ҳангоми муайян гардидани номутобиқатиҳо дар эъломияҳои (ҳисоботи) андоз, ба андозсупоранда барои бартараф намудани номутобиқатиҳои ҷойдошта огоҳинома бо замима намудани маълумотнома ирсол карда мешавад.

Мутобиқи маълумоти барномаи компютерӣ, дар давоми 9 моҳи соли 2022 мақомоти андоз дар фаъолияти 9269 андозсупоранда назорати камералӣ гузаронида, ба маблағи 1,1 млрд сомонӣ эҳтимолияти кам ҳисоб шудани андозҳоро ошкор кардаанд. Дар ин бобат ба андозсупорандагон огоҳиномаҳо ирсол карда шудаанд.

Дар сарраёсати мазкур хотирнишон сохтанд, ки ҳангоми гузаронидани назорати камералӣ, масъалаҳои зерин баррасӣ мешаванд:

- ҳолати баҳисобгирии (қайди андозӣ) объектҳои андозбандӣ ва ба андозбандӣ алоқаманд;
- ҳолати пешниҳоди эъломияҳои андоз;
- дурустии пур кардани реквизитҳои эъломияи андоз;
- риояи тартиби пур кардани сатр ва сутунҳои эъломияҳои андоз, пурра ва мукаммал нишон додани маълумот дар эъломияҳо;
- дурустӣ ва мукаммалии ҳисоби андозҳо, ки андозсупоранда дар эъломияҳои андоз дарҷ намудааст;
- мутобиқатии нишондиҳандаҳои дар эъломияҳои андоз дарҷгардида, нисбат ба замимаҳои эъломияҳо, дигар ҳуҷҷатҳо ё маълумоти дар мақомоти андоз нисбати андозсупоранда ҷойдошта;
- назорати мутобиқатии нишондиҳандаҳои эъломияҳои андози бо ҳам алоқаманд;
- қонунӣ будани истифодаи низомҳои андоз;
- бақайдгирӣ ба сифати супорандаи андоз аз арзиши иловашуда;
- асоснокии истифодаи меъёрҳои андоз;
- алоқамандии нишондиҳандаҳои тавозуни муҳосибии ба мақомоти андоз пешниҳодгардида бо эъломияҳои андоз;
- муқоисаи нишондиҳандаҳои эъломияҳои (ҳисоботи) андоз бо нишондиҳандаҳои давраҳои ҳисоботии гузашта ва нишондиҳандаҳои андозсупорандагони шабеҳи фаъолият;
- мутобиқатии даромади умумии дар эъломияҳои андоз аз даромад (андоз аз фоида), андоз аз арзиши иловашуда, андози низоми содакардашуда дарҷшуда нисбат ба маълумоти дар хазинаи электронӣ дар махзани барномаи компютерӣ ҷойдошта, вобаста ба таҳвили молҳо;
- асоснокии маълумот оид ба таҳвили молҳои дар ҳисобнома-фактураи андоз аз арзиши иловашуда дарҷгардида ва муқоисаи онҳо бо маълумоти барномаи анбори электронӣ;
- ба ҳисоб нагирифтани амалиёт аз рӯи ҳисобнома – фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда ва маблағи андози он, бо сабаби бо андозсупорандаи бемасъулият анҷом додани амалиётҳо;
- асоснокии баҳисобгирии андоз аз арзиши иловашуда дар доираи амалиётҳои андозбандишаванда, аз ҷумла баҳисобгирии андоз аз арзиши иловашуда вобаста ба воридоти молҳо;
- тибқи талаботи Кодекси андоз баҳодиҳии моҳияти иқтисодӣ доштан ва ё надоштани амалиёти анҷомдодашуда бо мақсадҳои андозбандӣ;
- баррасии асоснокии истифодаи имтиёзҳои (тарҳҳои) андозӣ, эътимоднокии таркиби хароҷот ва дигар тарҳҳои андозӣ;
- баҳодиҳии нишондиҳандаҳои ҳисоботи муҳосибӣ бо эъломияҳои андоз аз нуқтаи назари мутобиқати маълумоти дар мақомоти андоз мавҷудбуда ва маълумот оид ба фаъолияти молиявӣ – хоҷагидории андозсупоранда, ки аз дигар манбаъҳо дастрас шудааст;
- дигар ҳолатҳои барои иҷрои пурра ва саривақтии уҳдадориҳои ба андоз алоқаманд.

- Назорати камералӣ бо тартиби муқаррарнамудаи Кодекси андоз, метавонад нисбати дигар ҳуҷҷатҳои ба андозбандӣ (ё объектҳои андозбандӣ) алоқаманди андозсупоранда гузаронида шавад, ки пешниҳоди он тибқи талаботи қонунгузорӣ барои андозсупоранда ҳатмӣ мебошад, - таъкид карданд дар Сарраёсати назорати андози Кумитаи андоз. - Ҳангоми гузаронидани назорати камералӣ ҳолатҳои қайдгардида бо риояи пайдарҳамӣ аз ҷониби корманди мақомоти андоз баррасӣ карда мешавад.

Баъди ирсоли огоҳиномаҳо ҷиҳати бартараф кардани камбудиҳо, ба ҳолати 1 октябри соли 2022 ба маблағи 527,8 млн сомонӣ (48%) эъломияҳои иловагӣ пешниҳод ва аз ин ҳисоб, ба буҷет 456,9 млн сомонӣ (87%) андозҳо пардохт карда шудаанд. Ҳамчунин, ба маблағи 43,2 млн млн сомонӣ (8%) бо роҳи пешниҳоди эъломияҳои иловагӣ, изофапулиҳои андоз рӯйпӯш гардидаанд.

Назорати камералӣ ба андозсупоранда ва мақомоти андоз имкон медиҳад, ки хавфҳои андозӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ паст карда шуда, бо натиҷаи он гузаронидани санҷиши андозӣ маҳдуд гардад.

**Н. ЗОИРЗОДА**

# ВЕРХОВНЫЙ СУД США ВРЕМЕННО ЗАБЛОКИРОВАЛ ПЕРЕДАЧУ НАЛОГОВЫХ ДЕКЛАРАЦИЙ ТРАМПА

## БЫВШИЙ ПРЕЗИДЕНТ США ПОД РАЗНЫМИ ПРЕДЛОГАМИ ОТКАЗЫВАЕТСЯ ПУБЛИКОВАТЬ НАЛОГОВЫЕ ДЕКЛАРАЦИИ

**Глава Верховного суда США Джон Робертс временно заблокировал передачу налоговых деклараций экс-президента страны Дональда Трампа демократам в комитете по доходам и расходам Палаты представителей Конгресса, пишет ТАСС.**

В распоряжении говорится, что выполнение «постановления апелляционного суда столичного округа Колумбия <...> приостановлено» на время рассмотрения дела Верховным судом.

Минюст США в июле 2021 года вынес заключение, согласно которому финансовое ведомство должно передать налоговые декларации Трампа упомянутому комитету нижней палаты Конгресса. Бывший президент США пытается оспорить данное решение в суде. Он настаивает на том, что запрос демократов на получение его налоговых деклараций является незаконным и вызван только стремлением извлечь «политическую выгоду». На минувшей неделе апелляционный суд федерального округа Колумбия отказался удовлетворить ходатайство Трампа по этому делу. В понедельник он обратился в Верховный суд, попросив запретить передачу своих налоговых деклараций Конгрессу.

Напомним, что Дональд Трамп под разными предлогами отказывался публиковать свои налоговые декларации, хотя его политические оппоненты еще со времен президентской гонки 2016 года требовали от него сделать это. По его словам, в отношении принадлежащих ему компаний проводят проверки регулирующие органы, поэтому публиковать информацию о налоговых отчислениях нежелательно.

**Источник: http://taxpravo.ru**

# БАҚИЯИ ҚАРЗИ АНДОЗ КОҲИШ МЕЁБАД

**Бақияи қарзи андозҳо барои мақомоти андоз ҳанӯз ҳам чун масъалаи ташвишовар боқӣ мондааст. Ин аст, ки масъалаи бақияи қарзи андозҳо дар ҷаласаҳои Мушовараи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамеша мавриди муҳокимаи ҷиддӣ қарор мегирад. Тавре дар ҷаласаи васеи Мушовараи Кумитаи андоз дар ҷамъбасти нуҳ моҳи соли равон қайд карда шуд, бақияи қарзи андозҳо, айни замон ба 1070,3 млн сомонӣ баробар шудааст, ки ин нисбат ба аввали соли ҷорӣ 264,0 млн сомонӣ зиёд мебошад. Ин рақам дар муқоиса нисбат ба имкониятҳои мавҷуда хеле зиёд аст.**



Мутобиқ ба талаботи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ пардохти саривақтии андозҳо ва иҷро намудани ӯҳдадориҳои андозӣ, ки қонун муайян кардааст, вазифаи муҳиму масъулиятноки ҳар як андозсупоранда маҳсуб мешавад.

Дар ҷаласаи васеи Нозироти андоз дар ноҳияи Рӯдакӣ, ки дар он фаъолияти мақомоти андоз дар нуҳ моҳ мавриди баррасӣ қарор гирифт, бақияи қарзи андозҳо масъалаи ташвишовар арзёбӣ гардид. Албатта, дар ин давра бо мақсади кам кардани бақияпулиҳои андоз тибқи талаботи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон корҳои фаҳмондадиҳӣ равнақ дода шудаю дар фаъолияти як қатор андозсупорандагон чораҳои зарурӣ татбиқ гардидаанд, вале натиҷаҳои фаъолият водор месозанд, ки дар ин самт боз корҳои зиёдеро мебояд анҷом дод.

Бояд қайд кард, ки бақияи қарзи андозҳо дар ноҳия ба ҳолати 1 январи соли 2022-юм маблағи 5324,1 ҳазор сомониро ташкил медиҳад ва ин ин рақам ба 1 октябри соли 2022 ба 4151,5 ҳазор сомонӣ расонда шудааст, ки нисбат ба аввали сол 1172,7 ҳазор сомонӣ кам мебошад.

Тибқи талаботи моддаҳои 132-134 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, оид ба зарурати пардохти қарзи андоз дар нуҳ моҳи соли ҷорӣ ба 595 нафар андозсупорандаи дар назди буҷет қарздор ба маблағи умумии 14233,5 ҳазор сомонӣ огоҳинома дода шудааст, ки аз маблағи мазкур 12450,8 ҳазор сомонии он ба буҷет пардохт гардидааст.

Чуноне ки дар ҷаласа зикр шуд, тибқи талаботи боби 18-и Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон "Чораҳои маҷбуран ситондани қарзи андозҳо", дар давраи ҳисоботӣ бо мақсади пешгирии ҳолати зиёдшавии бақияпулиҳои андоз ва андешидани чораҳои пешбининамудаи қонунгузории андоз дар самти маҷбуран ситондани қарзи андозҳо, нисбати 51 нафар андозсупоранда ба маблағи умумии 5777,2 ҳазор сомонӣ 123 адад қарори дахлдор қабул карда шуда, аз ин маблағи 4555,2 ҳазор сомонӣ ва ё 78,8 фоизи он ба буҷет ворид гардидааст. Иҷрои 90 адад қарор ба маблағи 4 555,2 ҳазор сомонӣ пурра таъмин карда шудааст.

- Танҳо дар моҳи сентябр, - чуноне ки дар ҷаласа қайд гардид, - бо дастраси модаи 157 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва баҳри таъмини муқаррароти Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон бино бар дағалона вайрон намудани қонунгузории андоз нисбати 17 нафар андозсупоранда протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ба маблағи 43307 сомонӣ тартиб дода шуда, пардохти 21567 сомонии он ба буҷет таъмин карда шуд. Умуман, дар нуҳ моҳи соли ҷорӣ ба маблағи умумии 682620 сомонӣ 182 адад протоколи маъмурӣ тартиб дода шуда, пардохти 393468 сомонии он ба буҷет таъмин карда шудааст. Маврид ба зикр аст, ки аз протоколҳои маъмурии тартибдодашуда 23 адади он тибқи талаботи қисми 1 моддаи 602 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сабаби сари вақт дар назди буҷет таъмин накардани ӯҳдадориҳои андозӣ, аз ҷумла пардохт накардани андози иҷтимоӣ мебошад.

Агарчи, дар ин давра бақияпулиҳои андоз дар ноҳия, дар маҷмӯъ, беш аз 1172,7 ҳазор сомонӣ кам карда шудааст, лекин аз ҳисоби баъзе корхонаю ташкилотҳо маблағи қарз то андозае афзоиш ёфтааст. Аз ҷумла маблағи қарзи ҶДММ "Престиж 777", ҶДМММ "Симка", ҶДММ "Ясриб К" ва ҶДММ "Саманди Сомонӣ" нисбат ба аввали сол хеле афзоиш ёфтааст.

Хотирнишон бояд сохт, ки тадбирҳои дар самти барҳам додани бақияпулиҳои андоз андешидашуда, на танҳо дар кам шудани маблағи қарзи андозҳо мусоидат менамояд, балки дар баланд бардоштани фарҳанги андозсупории андозсупорандагон низ бетаъсир намемонад. Аз ин рӯ, кормандони Нозироти андоз дар ноҳияи Рӯдакиро зарур аст, ки корҳои фаҳмондадиҳиро дар байни андозсупорандагон боз ҳам равнақ бахшида, ба он муваффақ гарданд, ки маблағи қарзи андоз кам ва иҷрои бемайлони нақшаву ӯҳдадориҳо пурра таъмин шаванд.

**М. ТАБАРЗОДА,**
**н. Рӯдакӣ**

**Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дар сатҳи замонавӣ ба роҳ мондани корҳои тавзеҳотию фаҳмондадиҳӣ, инчунин, сарфа намудани вақти андозсупорандагон, бо истифода аз технологияҳои иттилоотии муосир шароити мусоид фароҳам овардааст, то ки шаҳрвандон тавонанд аз хизматрасониҳои мақомоти андоз, аз ҷумла тавассути Маркази тамос бо рақамҳои телефонии "151" ва "152", сомонаи Кумитаи андоз (http://andoz.tj) бо усули "Чат-паёмак", телефони боварии Раиси Кумитаи андоз-233-09-05 ва почтаи электронии info@andoz.tj хуб истифода намоянд.**

# АФЗУДАНИ ТАВАҶҶУҲ БА ХИЗМАТРАСОНИИ МАҚОМОТИ АНДОЗ

Дар робита ба ин, сардори шуъбаи иттилоот ва коркарди муроҷиатҳои электронии Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагони Кумитаи андоз Обиди Муҳаммадсаид гуфт, ки шуъбаи мазкур бо рақами содакардашудаи "151" ба таври доимӣ дар хизмати шаҳрвандон ва андозсупорандагон қарор дорад. Андозсупорандагон ҳамеша бо кормандони шуъбаи мазкур дар тамос буда, тавассути телефон оид ба қонунгузории андоз ба таври мустақим посух мегиранд. Муроҷиатҳои телефонӣ, ки омӯзиши иловагиро талаб менамоянд, на дертар аз 1 рӯзи корӣ (вобаста ба савол) баррасӣ гардида, натиҷаи он ба муроҷиаткунанда ба воситаи телефон расонида мешавад.



Ба гуфтаи О. Муҳаммадсаид, дар 9 моҳи соли 2022 тавассути занги телефонӣ ва дар шакли электронӣ 19529 адад муроҷиат ба қайд гирифта шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2021-ум (17954 адад)-1575 адад ё 8,8 фоиз зиёд мебошад. Дар ин давра, аз ҷониби шаҳрвандон ва андозсупорандагон тавассути рақами телефонии содакардашудаи "151" 17287 адад муроҷиати шаҳрвандон ва андозсупорандагон ба Кумитаи андоз ворид гардидааст, ки ин нишондиҳанда нисбат ба 9 моҳи соли 2021-ум 2306 адад ё 15,4 фоиз зиёд мебошад.

Дар 9 моҳи соли 2022 ба гурӯҳҳои иттилоотии раёсатҳои андоз дар ВМКБ, вилоятҳои Суғду Хатлон тавассути телефонҳои "20262", "909" ва "154", дар маҷмӯъ, 735 адад муроҷиат ворид гардидааст, ки ба ВМКБ 360 адад (49,0 фоиз), вилояти Суғд 270 адад (36,7 фоиз) ва вилояти Хатлон 105 адад (14,3 фоиз) рост меояд.

Бояд гуфт, ки тавассути рақами иловагии телефонии "152"-и Маркази тамоси Кумитаи андоз шаҳрвандон ба субъектҳои хоҷагидор метавонанд ҳангоми ба расмият даровардани амалҳои нотариалӣ, гирифтани иҷозатномаҳо, иҷозатҳо, сертификатҳо, ба кор қабул намудан, барасмиятдарории амалиёти иқтисодии хориҷӣ ва ғайраҳо доир ба рақами мушаххаси андозсупорандаи худ ва рамзҳои сабабҳои баҳисобгирӣ ба таври фаврӣ маълумот гиранд.

Дар 9 моҳи соли 2022 тавассути рақами телефонии "152", дар маҷмӯъ, 1365 нафар муроҷиат карда, оид ба рақами мушаххаси андозсупоранда маълумот гирифтаанд, ки ин рақам нисбат ба ҳамин давраи соли 2021-ум (2250 адад) ба миқдори 885 адад ё 39,3 фоиз кам аст. Дар шуъбаи иттилоот ва коркарди муроҷиатҳои электронӣ яке аз сабабҳои кам шудани муроҷиат тавассути рақами "152"-ро ба он рабт доданд, ки имрӯз аксари шаҳрвандон ба шабакаҳои интернетӣ пайваст ҳастанд, аз ин хотир, метавонанд аз сомонаи Кумитаи андоз дар хусуси РМА-и худ маълумот гиранд.

Хотирнишон месозем, ки танҳо дар давоми 9 моҳи соли 2022 шаҳрвандон ва андозсупорандагон 285 маротиба бо усули электронии "ЧАТ" тавассути сомонаи Кумитаи андоз муроҷиат карда, ба саволҳои худ дар реҷаи "вақти воқеӣ" посух гирифтаанд, ки ин нишондод дар ҳамин давраи соли 2021-ум 175 ададро ташкил медод. Бо ин усул гирифтани посухҳо ба миқдори 110 адад ё 62,8 фоиз зиёд шудааст.

Самти дигари муҳими фаъолияти мақомоти андоз посухи саривақтӣ ба пурсишҳо ва анҷом додани корҳои фаҳмондадиҳӣ ба воситаи почтаи электронии (info@andoz.tj)-и Кумитаи андоз ба ҳисоб меравад. Дар 9 моҳи соли 2022-юм 277 адад мактуб ба дархости пурсишҳои шаҳрвандон ва андозсупорандагон тавассути почтаи электронии info@andoz.tj қабул шуда, ба онҳо аз ҷониби сарраёсатҳо ва раёсатҳои дастгоҳи марказии Кумитаи андоз посухҳо дастрас шудаанд. Миқдори муроҷиатҳо бо ин усул дар 9 моҳи соли 2022 нисбат ба ҳамин давраи соли 2021 ба миқдори 14 адад ё 5,3 фоиз зиёд шудааст.

Тавре О. Муҳаммадсаид изҳор дошт, дар ин моҳ муроҷиатҳо, асосан, мавзӯъҳои пешниҳоди эъломияҳои электронии низоми содакардашуда, ҳисобу пардохти андоз аз арзиши иловашуда, ҳисобнома-фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда, анбори электронӣ, андозбандии соҳибкорони бо патент фаъолияткунанда, ҳисобкунии андозҳо аз молу мулки ғайриманқул, андозбандии хоҷагиҳои деҳқонӣ, санади муқоисавии электронӣ, пешниҳоди эъломияҳои электронии хизматчиёни давлатӣ, ҳисобу пардохти андози иҷтимоӣ, бақайдгирӣ ва аз қайдбарории ДНХ ва POS-терминалҳо ва ғайраҳоро дар бар гирифтаанд.

Қобили зикр аст, ки аз шумораи умумии муроҷиатҳо, ки тавассути телефони "151" ва телефони боварии Раиси Кумитаи андоз-2330905 ворид шудаанд, 128 ададро шикоятҳо ташкил медиҳанд. Чуноне ки Обиди Муҳаммадсаид бо такя ба гузоришҳои раёсатҳои дахлдори дастгоҳи марказӣ гуфт, дар мувофиқа бо роҳбарияти Кумитаи андоз нисбати шикоятҳои воридшуда ҷиҳати бартараф кардани камбудиҳо, бо кормандони мақомоти андоз корҳои фаҳмондадиҳӣ баргузор ва талаботи муроҷиаткунандагон қонеъ гардонида шуданд.

- Кумитаи андоз тасмим гирифтааст, ки дар доираи имкониятҳои техникӣ ва шабакаи дохилисоҳавии мақомоти андоз, минбаъд ҷиҳати вусъат бахшидани хизматрасониҳои электронӣ ба шаҳрвандон ва андозсупорандагон, ҳамчунин, татбиқи технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ пайваста чораҷӯӣ намояд.- афзуд О. Муҳаммадсаид.-Ҳадафи ташкили хизматрасониҳои мақомоти андоз, пеш аз ҳама, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ ва молиявии соҳибкорон, аз байн бурдани санҷишҳои ғайриқонунӣ, дар асоси қонунгузорӣ фаъолият намудани соҳибкорон, сари вақт пардохт намудани андозҳо ва риоя гардидани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Ҳамагуна муроҷиати андозсупорандагон (хаттӣ, шифоҳӣ, телефонӣ ё электронӣ) ба тарви ҷиддӣ ва мутобиқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи муроҷиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ" баррасӣ мешаванд.

Ёдрас мешавем, ки барои воқеъбинона баҳогузорӣ намудани фаъолияти мақомоти андоз модули алоҳидаи барномаи компютерӣ бо номи "Баҳогузории сифати фаъолияти мақомоти андоз" омода ва дар сомонаи Кумитаи андоз "andoz.tj" ҷойгир карда шудааст. Шаҳрвандон ва андозсупорандагон метавонанд ба сомонаи Кумитаи андоз ворид шуда, дар саҳифаи асосӣ сутуни "Ба андозсупорандагон"-ро интихоб намоянд ва баъдан ба сатри "Баҳогузории сифати фаъолияти мақомоти андоз" ворид гардида, дар шакли баҳогузории 5-балла ба фаъолияти мақомот баҳогузорӣ кунанд.

**Инобат САДИРОВА**

**БА ИСТИҚБОЛИ 30 – СОЛАГИИ ИҶЛОСИЯИ XVI ШӮРОИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

# ШАРОРАИ ХОТИРАҲО

**Омӯзиши таърихи Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти калон дорад. Таърихи Иҷлосияи тақдирсоз бо ҳарфҳои зарин сабт шудааст ва омӯзиши таърихи он давом дорад.**

Имрӯз бо гузашти сӣ сол барои мо имконият фароҳам омадааст, ки ин рӯйдоди таърихиро мавриди таҳлили амиқ қарор дода, барои таъмини рушди ҳамаҷонибаи кишвар ва дурнамои тараққиёти он хулосаҳои зарурӣ барорем. Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти ҳадафҳои олии давлати соҳибистиқлоламон дар давраи басо душвори сиёсии ҷомеа бо мақсади таъмини ҳарчи зудтари сулҳу ваҳдати миллии тоҷикон, наҷот додани миллат аз вартаи бӯҳрони сиёсиву иқтисодӣ, иҷтимоиву фарҳангӣ, ҳифзи якпорчагии давлати мустақили тоҷикон, муҳайё намудани шароит ва заминаи мусоид барои барқарор намудани иқтисодиёт ва рушди минбаъдаи Тоҷикистон баргузор шуда буд. Аз ин лиҳоз, ин санаи фархунда барои мо ҳам мояи ифтихор ва ҳам масъулияти бузург ба хотири ояндаи нек мебошад. Ифтихор аз он ки маҳз ҳамин Иҷлосия сарнавишти миллати тоҷикро дар як давраи бисёр ҳассоси таърихӣ муайян намуда, давлати моро аз хатари нобудӣ ва миллатамонро аз парокандагӣ наҷот бахшид.

Ман ҳамчун тарҷумони Иҷлосияи тақдирсоз дар давоми 18 рӯзи кори Иҷлосия нутқҳои иштирокчиёни Иҷлосияро ба се забон-тоҷикӣ, русӣ ва ӯзбекӣ тарҷума мекардам. Дар тайёрӣ, гузаронидан ва ҷамъбасти кори ин Иҷлосия зиёда аз як моҳ фаъолияти пурсамар кардам. Хушбахтона, мо тавонистем бо такя ба хиради азалӣ ва дастгирии мардуми бонангу номуси тоҷик вазифаҳои муайяншударо дар муддати кӯтоҳи таърихӣ сарбаландона амалӣ намоем. Иҷрои ин вазифаи муҳимро мо як ҷузъи ҳисоботи худ дар назди Ватан, давлат, миллат ва ҳар як шаҳрванди кишвари соҳибистиқлоламон меҳисобем. Бояд зикр намоям, ки эҳёи давлатдории миллӣ аз масъалаҳои меҳварии таърихи муосири мо ба шумор мерафт, зеро бе мавҷудияти давлати миллии мустақил амалӣ гардидани орзуву ормони деринаи халқи тоҷик ва ҳадафу барномаҳои Ҳукумати кишвар ғайриимкон буд. Бояд ҳамеша дар ёд дошт, ки барои мо имконияти давлатдории миллӣ баъди ҳазор сол муяссар гардид.

Дар шаҳри Хуҷанд баргузор гардидани Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳи наҷоти давлат ва миллат буд. Дар Иҷлосияи тақдирсози миллати тоҷик намояндагони давлатҳои ҳамсоя ва дӯст - намояндагони шахсии президентҳои давлатҳои Федератсияи Россия (Сухин Валерий Яковлович, Каноровский Михаил Алексеевич, Гритсиан В.В.), сафири фавқулодда ва мухтори Федератсияи Россия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон – Сенкевич Мечислав Иванович, ИМА (сафири ИМА дар Осиёи Миёна - Тошкент), Ҷумҳурии Қазоқистон (ҷонишини аввали вазири корҳои хориҷӣ – Токаев Қасим Жомарт (ҳоло Президенти Қазоқистон), ходими раёсати КБМ (аз соли 2012) сафири фавқулодда ва мухтори Ҷумҳурии Қазоқистон дар Тоҷикистон Смагулов Агыбай Дынкенович), Ҷумҳурии Қирғизистон (ҷонишини аввали вазири корҳои хориҷӣ Аскар Чингизович Айтматов), Ҷумҳурии Ӯзбекистон (ҷонишини аввали вазири корҳои хориҷӣ Шахобиддин Сироджевич Зиямов) ва дигарон иштирок намуданд. Ба меҳмонони хориҷӣ ҷонишини аввали Раиси МИҲД вилояти Ленинобод (ҳоло Суғд) Солиҳӯҷа Маҳмудов, аз ҷумла мудири шуъбаи муносибатҳои байналхалқии дастгоҳи МИҲД вилояти Ленинобод (ҳоло Суғд) Бахтиёр Ашуров, тарҷумонҳо Эргаш Сулаймонов – ба забони англисӣ, Пӯлот Ҷалилов – ба забони русӣ, Сафар Эркаев-ба забони тоҷикӣ, русӣ ва ӯзбекӣ хизмат мекарданд.

Вакилони мардумӣ дар рафти Иҷлосия бо ҳисси баланди ватандӯстӣ манфиатҳои миллиро дар мадди аввал гузошта, барои ҳимояи онҳо талош меварзиданд. 19 ноябр Эмомалӣ Шарипович Раҳмонов Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб гардид, ки дар айни замон иҷрокунандаи вазифаи Президенти ҷумҳурӣ низ ба шумор мерафт, ҷонишинони Раис интихоб шуданд. Дар асоси муҳокимаи ҳаматарафа Сарвазир, ҷонишинони ӯ, 21 вазир, раиси 8 комитет таъйин карда шуданд. Дар Иҷлосия, дар маҷмӯъ, 74 санади ҳуқуқӣ, аз ҷумла 15 қонун, 52 қарор, 6 фармон ва як изҳорот қабул гардид, ки нақши онҳо ҷиҳати ба эътидол овардани вазъи сиёсии кишвар дар он солҳо хеле бузург аст. Дар ҳалли масъалаҳои асосии Иҷлосия нақши давлатҳои дӯст ва ҳамсоя дар ҷараёни омодагӣ ва гузаронидани Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле калон аст. Дар ҳақиқат, Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти таърихӣ-умумиҷаҳониро касб намуд.

**Сафар ЭРКАЕВ,**

**дотсенти Кафедраи археология, этнография ва диншиносии факултети таърих ва ҳуқуқи ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров**

# ИҶЛОСИЯЕ, КИ ТАҚДИРИ МИЛЛАТРО ҲАЛ КАРД

**Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати дувоздаҳум, дар қасри «Арбоб»-и ба номи Урунхуҷаеви шаҳри Хуҷанд дар моҳи ноябри соли 1992 баргузор шуд. Ҳадаф аз гузаронидани Иҷлосия, пеш аз ҳама, таъмини амният, сулҳу субот дар мамлакат ва интихоби Сарвари давлат буд, ки то кишварро аз гирдоби даҳшати ҷанг раҳо намуда, миллатро аз вартаи парокандагӣ наҷот диҳад.**

**Ба ин муносибат, бо иштирокчиёни ин Иҷлосияи тақдирсоз – наворбардори телевизион Сафаралӣ Эргашев ва депутати Шӯрои Олӣ Ҳикмат Шарифов суҳбат доир кардем.**

■ **Сафаралӣ Бозорзода дар бораи Иҷлосияи XVI Шӯрои Олӣ чунин андешаронӣ намуд:**

- Оғози Иҷлосия, ба андешаи ман, аз вилояти Кӯлоб сарчашма мегирад. Чунки аз якуми ноябри соли 1992 вақте ки Эмомалӣ Раҳмон Раиси вилояти Кӯлоб таъйин гардиданд, аз рӯзҳои аввал дар фикри он буданд, ки иҷлосия баргузор карда шавад. Чун баъди иҷлосияи қаблӣ вакилон дилшикаставу рӯҳафтода шуда буданд. Ин ҳолат, аллакай, қариб нишонаҳои барҳам хӯрдани давлат буд. Хушбахтона, вақте ки Эмомалӣ Раҳмон моҳи ноябри соли 1992 Раиси вилояти Кӯлоб интихоб гардиданд, дар аввалин суханрониҳояшон дар бораи сулҳу субот гап заданд. Баъдан, бо супориши Раиси вилоят Эмомалӣ Раҳмон ман якчанд адад кассетаҳоро гирифта, ба вилояти Ленинобод (ҳозира Суғд) бурдам ва воқеаҳоеро, ки дар вилояти Хатлон ба вуқӯъ пайваста буданд, ба намоиш гузоштам, то ин ки мардум бо чашми худ бинанд, ки вазъият дар кишвар чӣ гуна аст. Дар бораи баргузор кардани иҷлосия ман саҳми бевоситаи Эмомалӣ Раҳмонро мебинам. Аз рӯзи аввали раиси вилоят интихоб шуданашон дар фикри гузаронидани иҷлосияи навбатӣ буданд. Билохира, ин иҷлосия рӯзи 16 – уми ноябр дар шаҳри Хуҷанд баргузор шуд. Дар байни вакилон як фазои ноором буд. Касе ба суханони касе гӯш намедод. Пеш аз истеъфои раисони Шӯрои Олӣ рӯзҳои 15-ум ё 16-ум як ҳайати комиссияи муросои депутатӣ таъсис дода шуд. Ин комиссия салоҳияте дошт, ки ҳамаи масъалаҳои дар байни гурӯҳҳо ба миёномадаро ба иҷлосия пешниҳод мекард.

Чун аз рӯзҳои аввале, ки Эмомалӣ Раҳмон ба ҳайси Раиси Шӯрои Олӣ интихоб гардиданд, ҳамеша мегуфтанд, ки "ман ба Тоҷикистон сулҳ меорам". Шукр мекунем, ки Худованд ба халқи тоҷик чунин фарзанди фарзонаи миллатро туҳфа кард. Эмомалӣ Раҳмон Раиси Шӯрои Олӣ, ҳамзамон, Сардори давлат пешниҳод шуд. Аз 220 вакил 197 вакил дар иҷлосия иштирок доштанд, ки 186 нафарашон ба тарафдории Эмомалӣ Раҳмон овоз доданд. Воқеан, вакилон дар чеҳраи Эмомалӣ Раҳмон ва суханрониҳои ӯ ояндаи Тоҷикистонро медиданд. Умед доштанд, ки ба тарафдории ин шахсияти бузург овоз диҳанд, ояндаи Тоҷикистон хуб мешавад. Ҳамин тавр ҳам шуд. Дар ин иҷлосия 74 санади ҳуқуқӣ қабул шуд, ки ҳамааш ба сулҳу субот дар Тоҷикистон нигаронида шуда буд. Нахустин санаде, ки қабул гардид, санади авф буд.

Ҳамчунин, Эмомалӣ Раҳмон рӯзи 26 ноябри соли 1992 пешниҳод карданд, ки рӯзи сулҳ ва ризояти миллӣ эълон карда шавад. Баъдан, ҳайати ҳукумати нав интихоб гардид. Умуман, тақдири миллати тоҷик дар ин Иҷлосияи тақдирсоз ҳал шуд. Медонед, ки ба чӣ хотир Иҷлосияи тақдирсоз мегӯянд? Чунки агар ҳамин иҷлосия барпо намегардид ва вакилон бо ҳам наменомаданд, имрӯз мо ба ин рӯзҳои хуш намерасидем.

Хулас, вақте ки Эмомалӣ Раҳмон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб шуданд, ҳамеша дар фикри осудагии халқ ва кишвар буданд. Гурезаҳоро ба Ватан баргардонида, миллатро сарҷамъ ва давлатро пойдор карданд. Аз ин рӯ, мо бояд ба ин ҳама шукр гӯему ба қадраш расем.

■ **Депутати Шӯрои Олӣ Ҳикмат Шарифов андешаҳояшро оид ба Иҷлосияи XVI Шӯрои Олӣ чунин баён кард:**

- Аслан, бисёр мехостем, ки Иҷлосияи Шӯрои Олӣ баргузор гардад. Ман ҳамчун депутат аз аввал тарафдори ҳукумати қонунӣ будам ва то охир дар ҳамон мавқеъ истодам. Дар интихоби Раиси Шӯрои Олӣ хато накардем. Раиси Шӯрои Олӣ Эмомалӣ Раҳмонов интихоб шуданду ба қавлашон вафо карданд. Ба ҷанг хотима дода, ба Ватан сулҳ оварданд. Давлати Тоҷикистонро дар арсаи ҷаҳонӣ ҳамчун давлати соҳибистиқлол муаррифӣ намуданд.

Дар воқеъ, Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тақдири халқу миллати тоҷикро ҳал кард. Иҷлосия дар пойдории сулҳу ваҳдати тоҷикон аҳамияти таърихӣ дорад. Чунки бо шарофати ин Иҷлосияи таърихӣ миллати тоҷик аз вартаи нобудӣ раҳоӣ ёфт. Чуноне ки Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз суханрониҳояшон гуфта буданд: **«Иҷлосияи XVI Шурои Олӣ, ки моҳи ноябри соли 1992 дар шаҳри бостонии Хуҷанд баргузор шуд, ба ташкили давлату ҳукумати нави Тоҷикистон замина гузошт».**

Бале, дар ҳақиқат, Иҷлосияи XVI Шӯрои Олӣ дар таърихи давлатдории навини тоҷикон нақши созгор бозид.

**Исломи РАҶАБАЛӢ,**

**шаҳри Кӯлоб**

# ТАЪМИНИ НИШОНДИҲАНДАҲО

**Кормандони Нозироти андоз дар ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ нишондиҳандаҳои қисми даромади буҷети давлатиро дар нуҳ моҳи соли равон хуб ҷамъбаст намуданд. Сардори нозироти андози ноҳия Р. Ҳукматов гуфт, ки нақшаи қисми даромади буҷети давлатӣ бо дарназардошти андози иҷтимоии буҷетӣ ба андозаи 100 фоиз таъмин гардид. Ба ҷойи 41 миллиону 921 ҳазору 678 сомонии нақшаи пешбинишуда ба буҷет 42 миллиону 268 ҳазору 363 сомонӣ ворид шуд, ки аз назардошт 346 ҳазору 685 сомонӣ зиёд мебошад.**

Иҷрои нақшаи андозҳо аз молу мулки ғайриманқули шахсони воқеӣ низ дар ноҳия 100 фоиз таъмин ва ба буҷет 1 миллиону 521 ҳазор сомонӣ маблағи андоз ворид гардид.

Айни замон дар ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ 801 нафар соҳибкори инфиродӣ тибқи патент ва шаҳодатномаҳои махсус фаъолият мекунанд, ки дар нуҳ моҳ аз ҳисоби онҳо ба буҷети давлатӣ 1 миллиону 325 ҳазору 503 сомонӣ маблағи андозҳо пардохт шудааст, ки 100,4 фоизи нақшаи пешбинишударо ташкил медиҳад.



Мутахассисони нозироти андоз дар якҷоягӣ бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия ҷиҳати кам кардани бақияпулиҳои қарзи андоз ва коҳиш додани афзоиши қарз миёни андозсупорандагон корҳои фаҳмондадиҳиро ба роҳ мондаанд. Бақияи қарзи андозҳо дар ноҳияи Ҳамадонӣ, ки ба ҳолати 1 январи соли 2022-юм 6 миллиону 114 ҳазор сомониро ташкил медод, ба 5 миллиону 852 ҳазор сомонӣ расонида шуд, яъне нисбат ба аввали сол 262 ҳазор сомонӣ кам гардид. Қарздорони асосӣ дар ноҳияи Ҳамадонӣ хоҷагиҳои деҳқонӣ буда, маблағи қарзашон ба 2 миллиону 600 ҳазор сомонӣ расидааст.

Ба гуфтаи Р. Ҳукматов, шумораи қарорҳои қабулшуда, дар нуҳ моҳи соли равон 236 ададро ташкил додааст, ки маблағи он 1 миллиону 185 ҳазор сомонӣ мебошад. Аз ҳисоби қарорҳои қабулшуда танҳо 903 ҳазору 900 сомонӣ ба буҷет пардохт гардидааст.

Дар ин давра нисбати 590 андозсупорандаи ноҳия ба маблағи 2 миллиону 672 ҳазору 200 сомонӣ огоҳинома ирсол гардида, аз ин ҳисоб ба буҷети давлатӣ 2 миллиону 391 ҳазор сомонӣ пардохт шудааст.

Дар нуҳ моҳ фаъолияти 12 андозсупорандаи ноҳия таҳти муоинаи хронометражӣ қарор гирифтаанд. Даромади умумии онҳо, ки пеш аз муоинаи хронометражӣ дар як моҳ 207 ҳазору 822 сомониро ташкил медод, баъд аз гузаронидани муоинаи хронометражӣ даромади ин андозсупорандагон 253 ҳазору 398 сомониро ташкил дод, ки фарқ 45 ҳазору 576 сомонӣ мебошад.

**И. РАҶАБАЛӢ,**
**шаҳри Кӯлоб**

# ФАЪОЛИЯТИ ИННОВАТСИОНИЮ ТЕХНОЛОГӢ

**Бо муовини сардори Раёсати такмили қонунгузории андози Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Собир Вазиров дар мавзӯи фаъолияти инноватсионию технологӣ суҳбате доир кардем, ки онро пешниҳоди хонандагони рӯзнома менамоем.**

**- Собир Вазиров, нахуст, оид ба низоми махсуси андозбандӣ маълумот медодед.**

- Мутобиқи талаботи моддаи 25 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми махсуси андозбандӣ низомҳои махсус ва содакардашударо дар бар мегиранд. Ба низоми махсуси андозбандӣ инҳо дохил мешаванд:

- низоми андозбандии фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ;
- низоми андозбандии субъектҳои бозори коғазҳои қиматнок;
- низоми андозбандии шахсони воқеие, ки фаъолияти соҳибкориро дар асоси патент ё шаҳодатнома амалӣ менамоянд.

Ба низоми содакардашудаи андозбандӣ инҳо дохил мешаванд:

- низоми содакардашудаи андозбандӣ барои субъектҳои соҳибкории хурд;
- низоми содакардашудаи андозбандӣ барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ (андози ягонаи кишоварзӣ);
- низоми содакардашудаи андозбандӣ барои субъектҳои бизнеси бозӣ;
- низоми содакардашудаи андозбандии фаъолияти парандапарварӣ, моҳипарварӣ ва истеҳсоли хӯроки паранда ва чорво;
- низоми содакардашудаи андозбандии фаъолияти инноватсионию технологӣ.

**- Метавонед доир ба низоми содакардашудаи андозбандии фаъолияти инноватсионию технологӣ маълумоти бештар диҳед?**

- Тибқи моддаи 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти инноватсионӣ" ба фаъолияти инноватсионӣ ҷорӣ намудани ғояҳо ва дастовардҳои нави илмӣ дар сохтори идоракунии давлатӣ, ташкили бозори фурӯши маҳсулот (кору хизматрасониҳо)-и инноватсионӣ, ташкил ва рушди инфрасохтори инноватсионӣ дохил мешавад.

Мутобиқ ба талаботи боби 56 Кодекси андоз бо мақсади рушди соҳаи технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ низоми содакардашудаи андозбандӣ барои фаъолияти инноватсионию технологӣ пешбинӣ карда шудааст, ки тибқи он субъектҳои фаъолияти инноватсионию технологӣ дар доираи фаъолияти худ аз пардохти ҳама гуна андозҳо, ки дар Кодекси андоз пешбинӣ гардидаанд, ба истиснои андози иҷтимоӣ ва андоз аз даромад, озод мебошанд. Номгӯйи фаъолияти инноватсионию технологӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад. Илова бар ин, ҷиҳати васеъ намудани фаъолияти инноватсионию технологӣ воридоти таҷҳизоти инноватсионию технологӣ, ки бевосита барои эҳтиёҷоти худии чунин субъектҳо истифода карда мешавад, аз пардохти андоз аз арзиши иловашуда озод пешбинӣ шудааст.

**- Умуман, ба фаъолияти субъект ва объекти инноватсионӣ чиҳо дохил мешаванд?**

- Ба субъектҳои фаъолияти инноватсионӣ дохил мешаванд:

- шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки фаъолияти инноватсиониро амалӣ менамоянд;
- соҳибмулкони объектҳои моликияти зеҳние, ки дар татбиқи фаъолияти инноватсионӣ иштирок менамоянд;
- сармоягузороне, ки фаъолияти инноватсиониро сармоягузорӣ менамоянд;
- ташкилотҳои инфрасохтори инноватсионӣ;
- мақомоти давлатӣ, ки дар ҳамоҳангсозӣ ва танзими фаъолияти инноватсионӣ иштирок мекунанд.

Ба объектҳои фаъолияти инноватсионӣ дохил мешаванд:

- маҳсулоти инноватсионӣ;
- дастовардҳои фаъолияти зеҳнӣ, ки дорои иттилооти нав ва самарабахши техникӣ мебошанд;
- объектҳои ҳуқуқи истисноие, ки бо офаридани маҳсулоти инноватсионӣ алоқаманд мебошанд;
- лоиҳаҳои инноватсионӣ ва сармоягузорӣ, барномаҳо, кору хизматрасонӣ, ки бо офаридан, истифода ва паҳн намудани маҳсулоти инноватсионӣ алоқаманд мебошанд;
- дороиҳои молиявӣ ва коғазҳои қиматноки ташкилотҳои инноватсионӣ.

**- Дигар намудҳои фаъолияти инноватсионӣ низ вуҷуд доранд?**

- Дар асоси моддаи 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дигар намудҳои фаъолияти инноватсионӣ дохил мешаванд:

- ҷорӣ намудани ғояҳо ва дастовардҳои нави илмӣ дар сохтори идоракунии давлатӣ;
- иҷро ва хизматрасонии корҳои илмию таҳқиқотӣ, лоиҳавӣ, кашшофӣ, таҷрибавию конструкторӣ ва технологӣ, ки барои ба даст овардани маҳсулоти нав ё такмилдодашуда, усули нав ё такмилдодашудаи кору хизматрасониҳо, ҷараёни технологии нав ё такмилдодашудае, ки дар гардиши иқтисодӣ татбиқ мегарданд, равона шудаанд;
- ташкили бозори фурӯши маҳсулот (кору хизматрасониҳо)-и инноватсионӣ;
- азнавҷиҳозонии технологӣ ва омодасозии истеҳсолот;
- гузаронидани озмоишҳо бо мақсади сертификатсиякунонӣ ва стандартонии ҷараёнҳои нави технологӣ, маҳсулот (кору хизматрасониҳо);
- истеҳсоли маҳсулот (кору хизматрасониҳо)-и нав ё такмилдодашуда ва ё мавриди истифода қарор додани технологияи нав ё такмилдодашуда дар марҳалаи ибтидоӣ то анҷоми муҳлати меъёрии талофияти лоиҳаи инноватсионӣ;
- ташкил ва рушди инфрасохтори инноватсионӣ;
- тарғиби натиҷаҳои фаъолияти инноватсионӣ ва паҳн намудани инноватсия;
- ҳифз кардан, вогузоштан ва ба даст овардани ҳуқуқ ба объектҳои моликияти зеҳнӣ (аз ҷумла ба дастовардҳои илмӣ, илмии техникӣ ва технологие, ки пурра ошкор нагардидаанд) бо мақсади азхудкунӣ ва татбиқи онҳо;
- дигар намудҳои фаъолият, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст.

**- Муносибатҳои шартномавӣ байни субъектҳои фаъолияти инноватсионӣ чӣ гуна аст?**

- Фаъолияти инноватсионӣ бо мақсади азхудкунии истеҳсолӣ, таҳвили дастовардҳо ва натиҷаҳои фаъолияти илмӣ ва ё илмию техникӣ дар асоси шартномаҳои зерин амалӣ карда мешавад:

- оид ба иҷрои корҳои лоиҳавӣ, кашшофӣ, техникӣ, илмию таҳқиқотӣ, таҷрибавию конструкторӣ ва технологӣ, ки барои татбиқи лоиҳаҳои инноватсионӣ зарур мебошанд;
- оид ба хизматрасонӣ барои амалӣ намудани фаъолияти инноватсионӣ ва суғуртаи таваккалҳои инноватсионӣ ҳангоми татбиқи лоиҳаҳо;
- бо сармоягузороне, ки тартиб ва шаклҳои маблағгузории лоиҳаҳои инноватсионӣ, ҳисоб ва қабули натиҷаҳои татбиқи лоиҳаҳоро муайян мекунанд;
- дигар шартномаҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст.

Қайд кардан бамаврид аст, ки иҷрокунанда тибқи шартномаи инноватсионӣ уҳдадор мешавад, ки истифодаи маҳсулот (кор ва хизматрасониҳо)-и навро омода ва таъмин намояд. Фармоишгар уҳдадор мешавад, ки ба иҷрокунанда ҳуҷҷатҳо ва иттилооти дахлдорро пешниҳод намуда, натиҷаи фаъолияти инноватсиониро қабул ва маблағи маҳсулотро пардохт кунад.

Бастани шартномаҳо, интихоби шарикон барои иштирок дар фаъолияти инноватсионӣ, муайян намудани уҳдадориҳо, шартҳои дигари муносибатҳои тарафайн, ки хилофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон нестанд, ҳуқуқи истисноии субъектҳои фаъолияти инноватсионӣ маҳсуб мешавад.

Натиҷаҳои фаъолияти инноватсионӣ моликияти ҳиссавии субъектҳои фаъолияти инноватсионие мебошанд, ки дар татбиқи он бевосита иштирок намудаанд, агар дар шартнома тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

**- Асосҳои сиёсати давлатии инноватсиониро чӣ ташкил медиҳад?**

- Асосҳои сиёсати давлатии инноватсиониро ташкил медиҳанд:

- стратегияи рушди инноватсионӣ;
- барномаҳои мақсадноки инноватсионӣ, ки мутобиқи стратегияи рушди инноватсионӣ таҳия шуда, аз вазифаҳо барои давраи муайян, нишондодҳои назоратшаванда, номгӯйи чорабиниҳои алоҳида ва чораҳои дастгирии давлатие иборат мебошанд, ки аз ҷониби мақомоти давлатӣ ба субъектҳои фаъолияти инноватсионӣ пешниҳод мегарданд;
- иттилоот оид ба натиҷаи фаъолияти инноватсионӣ, ки барои ҳар як барномаи алоҳида асоси низоми мониторинги татбиқи сиёсати инноватсионӣ ба ҳисоб меравад.

Сиёсати давлатии инноватсионӣ инҳоро дар бар мегирад:

- принсипҳои асосии ташаккулёбии стратегияи рушди инноватсионӣ;
- усулҳои татбиқ, механизм ва манбаъҳои маблағгузории стратегияи рушди инноватсионӣ;
- самтҳои афзалиятноки фаъолияти инноватсионӣ;
- намудҳои афзалиятноки маҳсулоти инноватсионӣ.

**Мусоҳиб**
**Муқаддаси МАЪРУФ**

# ГУСТАРИШИ ҲАМКОРИҲОИ МАҚОМОТИ АНДОЗ

**Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади беҳтар намудани маъмурикунонии андоз, хубтар ба роҳ мондани хизматрасониҳо ба шаҳрвандон ва андозсупорандагон, баланд бардоштани интизоми андозсупорӣ, бо дарназардошти таҷрибаи давлатҳои пешрафта бо Шӯрои ҳамоҳангсозии роҳбарони мақомоти андози давлатҳои иштирокдори Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ШҲРМА ИДМ) Механизми ҳамкорӣ дар соҳаи маъмурикунонии андоз дар доираи ташаббуси «Як камарбанд, як роҳ», Созмони Ҳамкории Иқтисодӣ ва Рушд, инчунин, бо як қатор намояндагиҳои доимии созмонҳои байналмилалӣ, аз ҷумла Бонки Ҷаҳонӣ, Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд, Хазинаи Байналмилалии Асъор Бонки Осиёии Рушд ҳамкориҳои судмандро ба роҳ монда, дар чорабиниҳои созмонҳои номбурда оид ба масъалаҳои андоз ва андозбандӣ иштирок менамояд.**

Дар ин самт, Раёсати ҳамкории байналмилалии ҳамчун сохтори дохилии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки асосан, ба мубодилаи ахбор бо мақомоти ваколатдори давлатҳои хориҷӣ оид ба масъалаҳои андозбандӣ, ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти андоз марбут ба андозбандии байналмилалӣ, таъмини иҷрои қонунгузории андоз, аз ҷумла дар самти татбиқи дурусти муқаррароти созишномаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо давлатҳои хориҷӣ оид ба канорагирӣ аз андозбандии дукарата ва саркашӣ аз пардохти андоз аз даромад ва сармоя машғул мебошад, семинар – машварату корҳои фаҳмондадиҳӣ ва ташкилу баргузории вохӯриҳои расмии роҳбарияти Кумитаи андоз бо намояндагони созмонҳои ҷаҳонии молиявӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ ва сафоратҳои давлатҳои хориҷии муқими Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил менамояд.

Мутобиқи маълумоти аз Раёсати ҳамкории байналмилалии Кумитаи андоз дастрасшуда, дар 10 моҳи соли 2022 мутахассисони Кумитаи андоз дар зиёда аз 70 семинару вохӯриҳои маҷозӣ ва воқеии дар доираи ташкилотҳои байналмилалӣ иштирок карданд. Аз ҷумла рӯзи 20 январи соли 2022 ҳайати кории Кумитаи андоз ба Федератсияи Россия сафарбар гардида, бо соҳибкорони тоҷики муқими Федератсияи Россия, намояндагони консулгариҳои генералӣ ва дигар намояндагони мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Федератсияи Россия вобаста ба муаррифии Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав вохӯриҳо анҷом дод.

Рӯзи 3 майи соли 2022 дар вохӯрии маҷозии мутахассисони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ширкатҳои бонуфузи ҷаҳонӣ аз қабили «Facebook», «Google» ва ғайраҳо, ки хизматрасониҳои электрониро ба шахсони воқеии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамоянд ва намояндаи Бизнес дар Созмони Ҳамкории Иқтисодӣ ва Рушд вобаста ба хусусиятҳои андозбандии хизматрасонии фосилавии шахсони хориҷӣ ва тағйирот дар ин самт дар Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав дар шакли рӯнамо бо забони англисӣ маълумоти муфассал пешниҳод гардид ва дар баробари ин, ба зиёда аз 20 ширкат мактубҳои тавзеҳотӣ ирсол шуд.

4 майи соли 2022 дар меҳмонхонаи Hyatt Regency бо дастгирии Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд оид ба муқаррароти Кодекси андоз дар таҳрири нав бо иштироки мутахассисони Кумитаи андоз ва соҳибкорони Ҷумҳурии Тоҷикистон семинар - машварат баргузор гардид.

Рӯзи 2 августи соли 2022 дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вохӯрии намояндагони Кумитаи андоз бо аъзои Гурӯҳи корӣ оид ба тиҷорати рақамӣ - андозбандии рақамии Барномаи рушди ҳуқуқии тиҷоратии Вазорати савдои Иёлоти Муттаҳидаи Амрико (CLDP) хонум Кристен Бауер баргузор гардид. Бояд гуфт, ки дар мулоқот масъалаҳои марбут ба тиҷорати рақамӣ, рақамикунонӣ ва бартарафсозии монеаҳо дар пешбурди тиҷорати рақамӣ ва электронӣ мавриди баррасӣ қарор гирифт. Ҳамчунин, рӯзи 3 августи соли 2022 дар Кумитаи андоз вохӯрии намояндагони Кумитаи андоз бо Атташе оид ба масъалаҳои молиявии Сафорати Арабистони Саудӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Туркӣ Муҳаммад Ал-Аназӣ баргузор гардид.

Дар назар аст, ки Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, минбаъд низ ҷиҳати боз ҳам хубтару самарабахштар намудани ҳамкориҳо бо мақомотҳои андози давлатҳои хориҷӣ ва созмонҳои байналмилалӣ бо мақсади пайгирии таҷрибаи пешқадам ҷиҳати беҳтар намудани маъмурикунонии андоз ва баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон ва ғанӣ гардонидани буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон тадбирҳои судманд хоҳад андешид.

**Ширинмоҳи МУҲАММАДӢ**

# САМАРАИ ТАДБИРҲОИ АНДЕШИДАШУДА

**Ҷиҳати ноил шудан ба ҳадафҳои олии давлат, яъне баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардуми кишвар ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ мо бояд пешрафти бахшҳои воқеии иқтисодиёт, такмили низоми идораи давлатӣ, суботи молиявӣ, беҳтар кардани фазои сармоягузорӣ ва дастгирии соҳибкорӣ, хулоса рушди ҳамаҷониба такмилёфтаву устувори иқтисодиёти мамлакатро таъмин намоем.**

**Эмомалӣ РАҲМОН**

Дар шароити кунунӣ рушди бемайлони иқтисодиёти кишвар аз фаъолияти мақсадноки ҳар як корхонаю ташкилот, ширкату муассиса, дар маҷмӯъ, кулли соҳибкорону андозсупорандагон вобастагии калон дорад, - мегӯяд сардори Нозироти андоз дар шаҳри Ваҳдат А. Икромзода. Зеро фишанги асосии иқтисодиёти кишвар дар дасти соҳибкорон буда, тараққиёту пешрафти мамлакат низ аз фаъолияти рӯзмарраи онҳо вобаста аст. Боиси қаноатмандист, ки имрӯз фаъолияти аксари корхонаю ширкатҳои истеҳсолии шаҳри мо чашмрас буда, онҳо дар ғановати буҷети кишвар ва рушди иқтисодиёту боло рафтани сатҳи иҷтимоии сокинони шаҳр саҳмгузор мебошанд.

Мутаассифона, баъзе корхонаву ташкилотҳо ва муассисаву намояндагиҳо ҳанӯз ҳам фаъолияти иқтисодии хешро аз рӯи тарзу усулҳои кӯҳнаи корбарӣ ба роҳ монда, дар рушди иқтисодиёти мамлакат саҳм гузошта наметавонанд. Онҳо ба ҷои вусъат додани иқтидори иқтисодии корхонаҳои хеш баръакс сатҳи истеҳсолотро поён бурда, дар назди буҷети мамлакат қарздор мемонанд ва маблағи қарзро бо гузашти айём зиёд мекунанд. Баъзеи онҳо фаъолияти корхонаи хешро мутобиқ ба талаботи имрӯз пеш бурда натавониста, боиси бекор мондани даҳҳову садҳо нафар коргарони кироя мегарданд. Масалан, дар нуҳ моҳи соли равон аз шумораи умумии 1105 адад шахси ҳуқуқии дар қайди нозироти андозбуда, 188 адад бефаъолият монда, 104 адад эъломияҳои худро сифрӣ пешниҳод кардаанд.

Хушбахтона, кормандони мақомоти андоз дар шаҳри Ваҳдат масъалаҳои дар боло зикргардидаро ҳамаҷониба омӯхта, тайи ин давра роҳҳои наву самароварикорро пайдо ва амалӣ намуданд. Пеш аз ҳама, онҳо фаъолияти хешро дар асоси дастуру супоришҳои роҳбарияти Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда, ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии фаъолияти хеш корҳои зиёдеро ба сомон расониданд. Онҳо ҷиҳати риоя ва татбиқи дурусти муқаррароти Кодекси нави андоз, бо андозсупорандагон тартиб додани санадҳои муқоисавӣ, таъмини иҷрои саривақтии қарорҳои дар самти маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо қабулгардида, кам намудани бақияи қарзи андозҳо ва шумораи андозсупорандагони қарздор, чораҳои мушаххас андешиданд.

Бақияи қарзи андозҳо дар шаҳри Ваҳдат, ки ба ҳолати 1 январи соли 2022-юм 8279,1 ҳазор сомониро ташкил медод, ба ҳолати 1 октябри соли 2022 он 7436,6 ҳазор сомониро ташкил дод, ки ин нисбат ба аввали сол 1046,2 ҳазор сомонӣ кам мебошад. Аммо бақияи қарзи андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ, ки ба ҳолати 1 январи соли 2022 маблағи 2147,1 ҳазор сомониро ташкил медод, ба ҳолати 1 октябри соли 2022 ба 1275,9 ҳазор сомонӣ расонда шуд, ки дар муқоиса ба маблағи қарзи дар аввали солбуда 871,2 ҳазор сомонӣ кам мебошад. Дар ин давра барои иҷро накардани ӯҳдадориҳои андозӣ вобаста ба пардохти андози иҷтимоӣ нисбати 18 нафар андозсупоранда дар асоси талаботи моддаи 620 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб дода шуда, нисбати онҳо ба маблағи 27,1 ҳазор сомонӣ ҷаримаи маъмурӣ таъйин карда шуд. Ҳамчунин, дар асоси муқаррароти моддаи 133 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ба андозсупорандагони қарздор ба маблағи 6288,0 ҳазор сомонӣ 1023 адад огоҳинома ирсол шуда, аз ин ҳисоб 4588,0 ҳазор сомонӣ ба буҷет ворид гардид.

Дар самти маҷбуран ситондани қарзи андозҳо дар Нозироти андоз дар шаҳри Ваҳдат нисбати 88 андозсупоранда ба маблағи 6257,0 ҳазор сомонӣ 112 адад қарор қабул карда шуда, аз он 5 852,0 ҳазор сомонӣ ба буҷет ворид карда шудааст, ки ин 93,5 фоизи қарорҳои қабулгардидаро ташкил медиҳад. Барои риоя накардани қонунгузории андоз ба маблағи 606,1 ҳазор сомонӣ 244 адад протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб ва аз ин ҳисоб ба буҷети мамлакат 383,9 ҳазор сомонӣ ворид карда шуд.

-Зарурат ба ёдоварист, ки бо мақсади дар сатҳи замонавӣ ба роҳ мондани хизматрасониҳо ба андозсупорандагон ва содаю осон намудани иҷрои ӯҳдадориҳои андозӣ, бо Фармоиши Раиси Кумитаи андоз аз 28 марти соли 2022, № 170 Стандарти ягонаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон тасдиқ карда шуд, - мегӯяд А. Икромзода. - Стандарти мазкур тибқи муқаррароти Кодекси нави андоз ва бо дарназардошти таклифу пешниҳодҳои сарраёсатҳо ва раёсатҳои дастгоҳи марказии Кумитаи андоз таҳия гардида, номгӯй, муҳлат ва лаҳзаи анҷом додани хизматрасониҳо, инчунин, заминаҳои ҳуқуқии пешниҳод чунин хизматрасониҳоро дар бар мегирад. Аз ин нуқтаи назар, мутобиқи талаботи дастури зикргардида, таҳия ва пешниҳоди огоҳинома оид ба таъмини иҷрои ӯҳдадориҳои андоз, таҳия ва ҷамъоварии ҳуҷҷатҳои зарурӣ (парвандаи назоратӣ) оид ба зарурати татбиқи чораҳои маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо метавонад хеле хуб сурат гирад.

Бояд қайд кард, ки тадбирҳои дар самти барҳам додани бақияпулиҳои андоз андешидашуда, на танҳо дар кам шудани маблағи қарзи андозҳо мусоидат менамояд, балки дар баланд бардоштани фарҳанги андозсупории андозсупорандагон низ бетаъсир намемонад. Зеро, чуноне таҷриба нишон медиҳад, пас аз равнақ додани корҳои фаҳмондадиҳӣ қисми зиёди андозсупорандагон зиёни қарзи андозро дарк карда, кӯшиш менамоянд то ҳадди имкон қарзи андози худро кам намоянд.

**М. ТАБАРЗОДА,**
**ш. Ваҳдат**

# ОСОБЕННОСТИ НАЛОГООБЛОЖЕНИЯ УСЛУГ КЕЙТЕРИНГА

**Кейтеринг — отрасль общественного питания, специализирующаяся на доставке готовой еды заказчику. Кейтеринговые услуги, помимо приготовления и доставки продукции, могут включать в себя обслуживание мероприятия, сервировку, раздачу блюд и т. п. В настоящее время данный вид деятельности достаточно востребован: юридические лица привлекают кейтеринговые компании, например, для питания сотрудников, обслуживания участников деловых переговоров, организации фуршетов на выставках для привлечения внимания к своей продукции.**

## Изменения в сфере НДС при оказании услуг общественного питания

Прежде чем рассмотреть порядок исчисления налогов, следует сказать об изменениях в НК РФ, вступивших в силу с 1 января 2022 г. Речь идет об освобождении от НДС услуг общественного питания, оказываемых в том числе кейтеринговыми компаниями. Так, организации (индивидуальные предприниматели), оказывающие услуги общественного питания (включая выездное обслуживание), имеют право на освобождение от налогообложения НДС при одновременном выполнении следующих условий:

- сумма доходов за предшествующий календарный год не превысила в совокупности 2 млрд руб.;
- удельный вес доходов от реализации услуг общественного питания в общей сумме доходов за предшествующий календарный год составил не менее 70 %;
- среднемесячный размер выплат в пользу физических лиц в предыдущем году, определяемый на основании данных расчетов по страховым взносам, оказался не ниже размера среднемесячной начисленной заработной платы в регионе нахождения организации по виду экономической деятельности, соответствующей классу 56 «Деятельность по предоставлению продуктов питания и напитков» ОКВЭД.

Освобождение не применяется в отношении реализации:

- продукции общественного питания отделами кулинарии организаций (индивидуальных предпринимателей) розничной торговли;
- продукции общественного питания организациями (индивидуальными предпринимателями), осуществляющими заготовочную и иную аналогичную деятельность, если заказчиками являются организации (индивидуальные предприниматели), оказывающие услуги общественного питания либо занимающиеся розничной торговлей.

Перейдем к налогообложению услуг кейтеринга у организации-заказчика.

## Питание сотрудников

НК РФ установлены случаи, когда стоимость питания, предоставляемого работникам, может быть отнесена в уменьшение налоговой базы по налогу на прибыль организаций. Один из таких случаев — когда действующим законодательством предусмотрено специальное питание для отдельных категорий работников.

Также стоимость питания может учитываться в составе расходов на оплату труда, если бесплатное (льготное) питание предусмотрено трудовым и (или) коллективным договорами, т. е. является частью системы оплаты труда работников. При этом организация должна вести учет доходов каждого работника в натуральной форме (с начислением НДФЛ).

В иных случаях расходы налогоплательщика в виде стоимости питания, предоставляемого работникам, не учитываются при исчислении налоговой базы по налогу на прибыль организаций. Аналогичные разъяснения приведены в письме Минфина России от 21.08.2020 № 03-03- 06/1/73500.

Объектом налогообложения НДС являются операции по реализации товаров (работ, услуг). При этом реализацией признается в том числе передача на безвозмездной основе права собственности на товары (работы, услуги) одним лицом для другого лица. При предоставлении бесплатных обедов сотрудникам работодатель должен вести их персонифицированный учет. Передача продуктов питания конкретным лицам признается реализацией и облагается НДС с правом на вычет «входного» налога. Напомним, что НДС можно принять к вычету, если продукты питания приняты на учет и имеется счет-фактура от поставщика.

● **Обратите внимание;** отсутствие персонифицированного учета не освобождает организацию от необходимости начисления НДС при предоставлении сотрудникам обедов.

Объект налогообложения не возникает лишь в том случае, когда осуществить персонифицированный учет не представляется возможным, например при организации питания по системе «шведский стол», банкетно-фуршетном обслуживании.

Также не является объектом налогообложения НДС выдача в соответствии с трудовым законодательством (ст. 222 ТК РФ) лечебно-профилактического питания сотрудникам, занятым на работах с особо вредными условиями труда, по установленным нормам (п. 12 постановления Пленума ВАС РФ от 30.05.2014 № 33 «О некоторых вопросах, возникающих у арбитражных судов при рассмотрении дел, связанных с взиманием налога на добавленную стоимость»). Однако право на вычет в этом случае тоже не возникает.

При определении налоговой базы по НДФЛ учитываются все доходы налогоплательщика, полученные им как в денежной, так и в натуральной форме. Перечень доходов, освобождаемых от налогообложения НДФЛ, содержится в ст. 217 НК РФ.

В частности, не подлежат налогообложению НДФЛ все виды компенсационных выплат, установленных законодательством Российской Федерации. Поэтому стоимость лечебно-профилактического питания, предусмотренного ст. 222 ТК РФ, не облагается НДФЛ. В то же время стоимость обедов, предоставляемых сотрудникам на основании принятого в организации локального нормативного акта, подлежит включению в налоговую базу по НДФЛ в общем порядке.

## Организация фуршета на выставке

К прочим расходам, связанным с производством и реализацией, относятся расходы на рекламу, включая участие в выставках и ярмарках. Расходы на участие в выставках учитываются для целей налогообложения прибыли в полном объеме, при этом конкретный перечень сопутствующих затрат НК РФ не установлен. Однако, поскольку основополагающим принципом признания затрат в налоговом учете является их экономическая обоснованность, организации, заказывающей фуршет (закуськи) для участников мероприятия с целью привлечения внимания к своей продукции, информационным стендам ит.п., следует обосновать такие затраты. В ином случае у контролирующих органов могут возникнуть претензии к правомерности учета подобных расходов в налоговой базе по налогу на прибыль.

Что касается НДС, то объект налогообложения в данной ситуации не возникает, так как персонифицировать всех участников фуршета и стоимость потребляемых каждым из них продуктов питания не представляется возможным. Соответственно, у организации отсутствует и право на вычет налога.

## Обслуживание участников деловых переговоров

В налоговой базе по налогу на прибыль организаций в составе прочих расходов, связанных с производством и реализацией, учитываются в том числе представительские расходы на официальный прием и обслуживание представителей других организаций, участвующих в переговорах в целях установления и поддержания сотрудничества

К представительским расходам относятся, в частности, расходы на проведение официального приема (завтрака, обеда или иного аналогичного мероприятия) для указанных лиц, а также для лиц организации-налогоплательщика, участвующих в переговорах, на буфетное обслуживание во время переговоров. Затраты на организацию отдыха и развлечений к представительским расходам не относятся.

Напомним, что указанные расходы являются нормируемыми и учитываются в налоговой базе в размере, не превышающем 4 % от расходов на оплату труда за этот отчетный (налоговый) период.

Организация вправе принять к вычету суммы НДС, предъявленные ей кейтеринговой компанией, в части представительских расхсодов, учтенных для целей налогообложения прибыли.

## Организация пресс-конференции с целью привлечения клиентов, продвижения продукции, формирования положительного имиджа компании

Рекламой является информация, распространенная любым способом, в любой форме и с использованием любых средств, адресованная неопределенному кругу лиц и направленная на привлечение внимания к объекту рекламирования, формирование или поддержание интереса к нему и его продвижение на рынке. Таким образом, пресс-конференция носит рекламный характер, поскольку адресована неопределенному кругу лиц.

К рекламным расходам, в частности, относятся расходы на рекламные мероприятия через СМИ (в том числе объявления в печати, передача по радио и телевидению), информационно-телекоммуникационные сети, при кино- и видеообслуживании. Расходы на иные виды рекламы (не поименованные в перечне, содержащемся в п. 4 ст. 264 НК РФ), а также затраты на приобретение (изготовление) призов, вручаемых победителям розыгрышей таких призов во время проведения массовых рекламных кампаний, для целей налогогообложения нормируются.

Согласно официальной позиции, организация пресс-конференции не относится к рекламным мероприятиям через СМИ, так как ее проведение не признается рекламой в СМИ. Следовательно, указанные расходы учитываются в размере, не превышающем 1 % выручки от реализации.

Что касается расходов на буфетное обслуживание участников пресс-конференции во время ее проведения, то обоснованность таких затрат может быть обусловлена обычаями делового оборота. Естественно, расходы должны быть документально подтверждены. Оправдательными документами могут служить приказ руководителя о проведении соответствующего мероприятия; смета расходов; договор с кейтеринговой компанией; акт о фактически произведенных расходах, подписанный руководителем организации.

В указанных документах должна содержаться информация о цели мероприятия, дате и месте его проведения, программе мероприятия, составе приглашенных лиц и участников принимающей стороны, величине расходов на проведение мероприятия.

**И.В. АРТЕЛЬНЫХ,**
**бухгалтер-консультант ООО «Аудиторская фирма «ОСБИ»»**

## Барҳам меҳӯрад

■ МПТ «Тоҷирони ояндаи ҷумҳурӣ»-и ДДТТ (РЯМ-0310015329) воқеъ дар ноҳияи Фирдавсӣ, барҳам меҳӯрад.

■ ҶДММ «Донаи Заррин» (РЯМ-0310017685) воқеъ дар ноҳияи Фирдавсӣ, барҳам меҳӯрад.

■ ҶДММ «Мироби Вахш» (РМА-290006792) воқеъ дар ноҳияи Вахш, барҳам меҳӯрад.

■ ҶДММ «Ошхонаи Сорбон» (РЯМ-0310021846) воқеъ дар ноҳияи Фирдавсӣ, барҳам меҳӯрад.

■ Кооперативи тиҷоратии «Вали 2» (РЯМ-3210000705) воқеъ дар ноҳияи Қубодиён, барҳам меҳӯрад.

■ ҶДММ «Ориён пок» (РЯМ 5510003336), воқеъ дар шаҳри Исфара, барҳам меҳӯрад.

■ ҶДММ «Сифат 2017» (РЯМ 62100009209), воқеъ дар шаҳри Истаравшан, барҳам меҳӯрад.

■ Кооперативи истеҳсолии хоҷагии деҳқонии «Мирзо-2010» (РЯМ 6210004607), воқеъ дар шаҳри Истаравшан, барҳам меҳӯрад.

■ Кооперативи тиҷоратии “Ҷони Бобо” (РЯМ 1610001580) воқеъ дар ноҳияи Шаҳринав, барҳам меҳӯрад.

## Эътибор надорад

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Саидов Муҳаммад (РЯМ-0130140808) аз ноҳияи Шоҳмансур, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Зуҳуров Давлатхон (РЯМ-2430060408) аз ноҳияи Муъминобод, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Ҷумаев Рустамжон (РЯМ-4230023747) аз ноҳияи Носири Хусрав, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

■ Сертификати ҳуқуқи истифодаи замин дараҷаи А0058124, аз 2-юми марти соли 2017 ба номи Асророва Низорамоҳ, ки аз тарафи БМҒМ-и ноҳияи Темурмалик дода шудааст, бинобар тағйирёбии ҳуҷҷатҳо бекор карда шавад.

■ Шаҳодатнома ва иқтибос аз феҳристи ягонаи давлатӣ мутааллиқ ба соҳибкори инфиродӯ Олимов Назархоҷа (РЯМ-0330073590) аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Исматов Баҳодур (РЯМ-0331435601) аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Мадвалиев Муродҷон (РЯМ-0331346345) аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатнома ва Иқтибос аз феҳристи ягонаи давлатӣ мутааллиқ ба МДТТ кӯдакистони №134 «Лаклакча» (РЯМ-0310017978) аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Мирзоев Парвиз (РЯМ-0331454934) аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Ҳоҷиев Муҳаммад (РЯМ 1830101790) аз шаҳри Кӯлоб, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Абдураҳмонов Бахтиёр (РЯМ 1830026431) аз шаҳри Кӯлоб, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Ғуломрасулов Наҷибулло (РЯМ 1830040392) аз шаҳри Кӯлоб, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи бақайдгирии хоҷагии деҳқонии «Саидаттор» (РЯМ 1930008319) аз ноҳияи Восеъ, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Ҷураев Парвиз (РЯМ 1830092523) аз шаҳри Кӯлоб, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Шарипов Муҳаммадҷон (РЯМ 1830093467) аз шаҳри Кӯлоб, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Мадулоев Шуҳрат (РЯМ 1830101708) аз шаҳри Кӯлоб, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Бозоров Раҳматулло (РЯМ 0730148641) аз шаҳри Турсунзода, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Назирова Сулҳия (РЯМ 0730210140) аз шаҳри Турсунзода, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатнома бо шартҳои махсус, мутааллиқ ба Мухторов Элмурод (РЯМ 0730209783) аз шаҳри Турсунзода, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Нусратов Абдумавлон (РЯМ 5130122379) аз шаҳри Хуҷанд, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Файзуллоев Наимҷон (РЯМ 5130182145) аз шаҳри Хуҷанд, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Раҳимов Маматқул (РЯМ 6830086955) аз ноҳияи Ашт, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Оглукова Дилноза (РЯМ 6330087069) аз ноҳияи Бобоҷон Ғафуров, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Раҳимов Раҳимҷон (РЯМ 6330201094) аз ноҳияи Бобоҷон Ғафуров, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Раҳимов Тоҳирҷон (РЯМ 6330252885) аз ноҳияи Бобоҷон Ғафуров, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Муродӣ Меҳроҷ (РЯМ 5730151891) аз шаҳри Конибодом, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Фозилов Сайфидин (РЯМ 5530011667) аз шаҳри Исфара, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Порсоев Илёс (РЯМ 6230022425) аз шаҳри Истаравшан, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Азимов Муродҷон (РЯМ 6230216520) аз шаҳри Истаравшан, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Солиҳов Муаммархоҷа (РЯМ 5230023260) аз ноҳияи Айнӣ, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Оқилов Парвиз (РЯМ 5230027101) аз ноҳияи Айнӣ, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Шарипов Давронҷон (РЯМ 5130260273) аз шаҳри Хуҷанд, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатнома ва Иқтибоси соҳибкори инфиродӣ Хуҷамқулова Муҳаббат (РЯМ 0730001727) аз шаҳри Турсунзода, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

■ Патенти Эгамов Абдусамад (РЯМ 1630043736) аз ноҳияи Шаҳринав, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Алиев Негматулло (РЯМ 1630050199) аз ноҳияи Шаҳринав, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Ҳалимов Беҳрузҷон (РЯМ 1630050199) аз ноҳияи Шаҳринав, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Гулямов Суҳроб (РЯМ 1630002899) аз ноҳияи Шаҳринав, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Файзуллоева Ситора (РЯМ 1830086702) аз шаҳри Кӯлоб, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Аламов Файзаҳмад (РЯМ 1230171470) аз ноҳияи Сино, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.






## В ШТАБ-КВАРТИРЕ DEUTSCHE BANK ПРОШЛИ ОБЫСКИ ПО ДЕЛУ О НЕУПЛАТЕ НАЛОГОВ

**Обыски в Deutsche Bank связаны с расследованием, которое длится уже 5 лет в общей сложности в отношении 80 человек**

Сотрудники правоохранительных органов ФРГ провели во вторник обыски в штаб-квартире германского Deutsche Bank во Франкфурте-на-Майне по делу о неуплате налогов, пишет ТАСС.

Обыски были проведены также в частных квартирах подозреваемых лиц. Следственные действия связаны с расследованием, которое длится уже 5 лет в общей сложности в отношении 80 человек.

«Мы подтверждаем, что в рамках проводящегося с 2017 года расследования против банка по делу Cum-Ex прокуратура Кельна сейчас проводит в нашей штаб-квартире во Франкфурте-на-Майне следственные меры. С начала расследования в 2017 году банк по-прежнему в полном объеме сотрудничает со следствием», — сообщила пресс-служба банка.

Речь идет о налоговых схемах Cum-Ex, благодаря которым мошенники незаконно получали денежные средства, используя схему по возврату налогов.

**Источник: http://taxpravo.ru**

## ДИҚҚАТ!!! ДИҚҚАТ!!!

**ОБУНА БА РӮЗНОМАИ «БОҶУ ХИРОҶ» БАРОИ СОЛИ 2023 ИДОМА ДОРАД**



Нашрияи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

НАРХИ ЯКСОЛАИ ОБУНА → 70 ← СОМОНӢ

**СУРАТҲИСОБИ РӮЗНОМА:**

р/сч 20202972000266101000
кор/сч 20402972316264
МФО 350101626
БДА ҶТ «Амонатбонк»
дар шаҳри Душанбе
РМА 030007408

**СУРОҒАИ МО:**

шаҳри Душанбе, хиёбони Н.Қарабоев 42/3, бинои Нозироти андоз дар ноҳияи Фирдавсӣ. **Телефон:** 44-600-41-76


# Андоз аз шиша



Андоз аз шиша дар Британияи Кабир соли 1746, дар замони ҳукмронии шоҳ Ҷорҷ II ҷорӣ карда шуд. Он вақт шиша аз рӯи вазн фурӯхта мешуд ва истеҳсолкунандагон бо истеҳсоли қисмҳои хурдтар ва ороишӣ машғул шуданд. Соли 1780 ҳукумати Англия ба Ирландия иҷоза дод, ки шишаро бе андозбандӣ савдо кунанд. Иҷозати мазкур боиси таъсиси корхонаҳои шиша дар Корк ва Уотерфорд гардид. Соли 1825 андози ирландӣ барқарор шуд ва саноат тадриҷан коҳиш ёфт, то он даме, ки андоз аз шиша дар соли 1845 аз ҷониби ҳукумати Роберт Пил бекор карда шуд. Барои ҳар як хона соле 2 фунт стерлинг, илова бар он, агар аз даҳ тиреза зиёд бошад, 4 фунт стерлинг, агар аз бист тиреза зиёд бошад, 8 фунт стерлинг додан лозим буд. Норасоии рӯшноӣ дар манзилҳои истиқоматӣ, ки асосан, аз арзиши бузурги шиша вобаста буд, яке аз сабабҳои асосии ҳаёти носолим гардид. Андоз то миёнаи асри XIX давом кард. Чунин андоз, ки онро Наполеон ҷорӣ кард, дар Фаронса низ аз соли 1798 то 1926 вуҷуд дошт.

## ГАЗАКИ ШУШ ВА ТАБОБАТИ ОН



Ин бемории сироятқунандаи шуш мебошад, ки ба таври мустақил ба вуҷуд меояд ва ба узвҳои дигари бадан сироят мекунад. Омилҳои газаки шуш хунукгирифтагии сахт ҳангоми сардии ҳаво, хӯрдани оби сард баъди кори ҷисмӣ ва арақрезӣ мебошад. Таблараза ва таби баланд, сулфаи хушк, дарди сар, заъфи умумӣ, нафаси вазнин, забони сафеди бордор, пешоби ғафс ва тира нишонаҳои ин бемориӣ мебошанд. Яке аз воситаҳои хуби ҳарчи зудтар муолиҷа кардани ин беморӣ он аст, ки 3-4 дона анҷирро дар як истакон шир то мулоим шудан биҷӯшонанд, сипас миқдори 2-3-қошуқӣ гармогарм ҳар замон истеъмол намоянд. Ин амал бояд ду- се рӯз иҷро гардад. Инчунин, решаи ширинбия, решаи чоқла, кокутӣ, бӯймодарони маҳинбарг, барги тути ваҳшӣ (малина) ва барги марминҷонро чой карда бинӯшанд, даъвои ин беморӣ аст.

## ҲИКОЯТ

Подшоҳе фасли зимистон бо чанд тан аз аъёну ашроф дур аз имо-рат афтоданд, то шаб даромад. Хонаи деҳқоне диданд. Подшоҳ гуфт:

- Шаб он ҷо равем, то заҳмати сармо набошад.

Яке аз вазиронаш гуфт:

- Лоиқи қадри подшоҳ нест ба хонаи деҳқоне илтиҷо кардан. Ҳамин ҷо хайма занему оташ афрӯзем.

Деҳқонро хабар шуд. Ғизое омода кард ва пеш оварду замин бибӯсид ва гуфт:

- Қадри баланди султон бад- ин қадар нозил нашуд, валекин нахостанд, ки қадри деҳқон баланд гардад.

Султонро гуфтори ӯ писанд омад. Шабонгоҳ ба манзили деҳқон ташриф овард ва бомдод бахри ӯ хилъату неъмат фармуд.

## АЗ ТАЪРИХИ ЯК АСЪОР

**Доллари ИМА пули расмии Иёлоти Муттаҳидаи Амрико мебошад. Рамзи бонкӣ - USD. Бо аломати $ ишора карда мешавад.**



Аз рӯи анъана, дар тарафи рӯи доллари ИМА президентҳо ва сиёсатмадорони Иёлоти Муттаҳида тасвир шудаанд. Дар пулҳои муосир Бенҷамин Франклин – дар 100 доллар, Улисс Грант - 50, Эндрю Ҷексон - 20, Александр Ҳэмилтон - 10, Авраам Линколн - 5, Томас Ҷефферсон - 2 ва Ҷорҷ Вашингтон - 1 доллар тасвир ёфтаанд.

Шояд маҳз ба хотири муқовимат ба интишори долларҳои қалбакӣ буд, ки тарҳи онро на камтар аз як маротиба дар 7-10 сол иваз кардан лозим шуд. Дар баробари ин, комилан тамоми пулҳои коғазии ИМА аз соли 1861, вақте ки пул бори аввал дар шакли коғаз бароварда шуд, дар Иёлоти Муттаҳида воситаи қонунии пардохт ба ҳисоб меравад.

Бори аввал дар бораи муомилоти доллари ИМА дар соли 1786 Конгресс тасмим гирифт ва дар соли 1792 онҳо пули асосии ҳисоббаробаркунии давлат гардиданд. Аз соли 1796 принсипи воҳиди пулии биметаллӣ ҷорӣ карда шуд, яъне ҳам тангаҳои нуқра ва ҳам тилло сикка карда мешуданд. Дар баробари ин, ҳар дафъа дар натиҷаи тағйир ёфтани таносуби нархи ду металли гаронбаҳо ё танга аз муомилот нопадид мешуд. То соли 1857 дар Иёлоти Муттаҳида пулҳои хориҷӣ (асосан, песои испанӣ ва баъдтар, долларҳои Мексика) низ ҳамчун воситаи қонунии пардохт хизмат мекарданд.

## ОЁ МЕДОНЕД?

Ҳарорати пасттарини ҳаво соли 1983 дар Антарктида, дар станцияи «Восток» — 89,2 дараҷа ба қайд гирифта шуда буд. Баҳри Адриатик зиёда аз 3 маротиба - солҳои 1960, 1985, 2002 комилан ях бастааст. Дар ин вақт дар Венетсия аз рӯи каналҳо пиёда рафтан мумкин буд. Аввалин ҳароратсанҷ дар асри XVIII сохта шудааст.

Х Х Х

Майдонҳои шолиро ҳанӯз ҳам, асосан, дастӣ коркард мекунанд. Ин растании нозук зуд вайрон мешавад ва то ҳол ягон мошине ихтироъ карда нашудааст, ки аз уҳдаи иҷрои ин гуна кор баромада тавонад. Тибқи баъзе ҳисобҳо, тақрибан 15 дарсади аҳолии ҷаҳон дар парвариши ин зироат, асосан, дар Осиё, Африқо ва Амрикои Ҷанубӣ кор мекунанд.

Х Х Х

Кабк яке аз паррандагони нодир ба шумор меравад. Гӯшти ин парранда хеле фоидаовар буда, он барои ба эътидол оварддани гемоглобин дар хун мусоидат мекунад. Витамини B, ки дар гӯшт мавҷуд аст, ба кори системаи марказии асаб таъсири мусбат мерасонад, инчунин, дорои фосфор мебошад, ки он барои организм хеле манфиатовар аст. Ҳарорати муқаррарии организми кабк 45 дараҷа гармиро ташкил медиҳад, ҳатто агар ҳарорати атроф чил дараҷа сард бошад.

Х Х Х



Александр Сергеевич Пушкин ба забони фаронсавӣ таваҷҷуҳи зиёд дошт ва аллакай дар синни 8- солагӣ бо ин забон шеър менавишт. Вақте ки Пушкин вафот кард, император шахсан ҳамаи қарзҳояшро пардохт кард, гарчанде ки муносибати ӯро бо шоир хеле шадид номидан мумкин буд.

Х Х Х

Дар Қафқоз чормағз дарахти муқаддас ба ҳисоб меравад. Баъзе дарахтоне, ки дар ин минтақа мерӯянд, таърихи беш аз 400- соларо доранд.

Х Х Х

Аксар нӯшокиҳои спиртдори аълосифат, аз ҷумла конякро, дар зарфҳое, ки аз чӯби дарахти булут сохта шудаанд, нигоҳ медоранд. Ин амал ба чунин нӯшокиҳо мазза ва накҳати олӣ медиҳад.


**Боҷу Хироҷ**

МУАССИС: КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Сармуҳаррир **Фарзона ШАРИФӢ**

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ ВА МУШОВАРА:**

**ДАВЛАТЗОДА Н. М.** - Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; **ҚАҲҲОРЗОДА Ф. С.** - Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон; **СОЛЕҲЗОДА А. М.** - муовини аввали Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; **МЕЛИКЗОДА К.Н.** - муовини Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; **ЮСУФӢ П. С.** - ёрдамчии Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; **НУРЗОДА Ҷ.** - сардори Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; **ҲОТАМЗОДА Ҳ.** - сардори Сарраёсати баҳисобгирӣ ва таҳлили даромадҳо; **ВОҲИДОВ А.** - муовини сармуҳаррир - котиби масъули рӯзномаи «Боҷу хироҷ»; **НИГМАТОВ М.** - сардори шуъбаи иқтисод, буҷет ва андози рӯзномаи «Боҷу хироҷ».

Дар рӯзнома ба хотири гуногунандешӣ маводе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад.

Рӯзнома дар Вазорати фарҳанги ҷумҳурӣ таҳти рақами 597 номнавис шудааст.

Рӯзнома бо шаҳодатномаи №0310003650 дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта шудааст.

**Тел:** 233-55-31 (мухбирон), 233-08-40 (қабулгоҳ), 44-600-41-76 (бахши обуна)

**Навбатдор:** Тоҳир ЧИЛАЕВ

**Тарроҳ:** Сафаралӣ САТТОРОВ

***Суроға:*** *ш. Душанбе, х. Н. Қарабоев 42/3, бинои Нозироти андоз дар н.Фирдавсӣ*

***Индекс: 68930***

Рӯзнома дар нашриёти «Шарқи озод» чоп шудааст.

**Теъдод: 93808**